# УСТОДОН ВА ҲАМДАРСОН

Ёддоштҳои Раҳими Мусулмониёни Кубодиёнӣ

# УСТОДОН ВА ҲАМДАРСОН

(ба шодии панҷоҳумин соли бунёди Донишгоҳи Давлати Миллии Тоҷикистон)

*Ёддоштҳои Раҳими Мусулмониёни Қубодиёнӣ*

Теҳрон, 1378/1999

БАХШИ НАХУСТ :

# *УСТОДОН*

Ба номи худованди ҷонофарин,
Ҳакими сухандарзабонофарин.

**ПЕШГУФТОР** .......... 5

**БАХШИ НАХУСТ: *У С Т О Д О Н*** .......... 8

**БАХШИ ДУВВУМ: *Ҳ А М Д А Р С О Н*** .......... 21

**БАХШИ СЕВВУМ: *Ҳ А Ф Т О Д У***
***Д У Б А Р Г А З Д А Ф Т А Р И Ё Д Ҳ О*** .......... 48

**ПАСГУФТОР** .......... 91

## ПЕШГУФТОР

1

Раиси Донишгоҳи Давлатии Миллии Тоҷикистон, профессор Ҳабиб Сафаров ба Теҳрон ташриф овarданд, ба муносибати кунгураи ҷаҳонии сарварони донишгоҳҳо. Дар шоми душанбеи 27-уми баҳманмоҳи соли 1376 хуршедӣ (16 феврали 1998) дидор ва гуфтугӯи гарме даст дод. Ҳарчанд эшон сарвари Донишгоҳи Давлатии Миллии Тоҷикистон ҳастанд ва банда 1890 рӯз боз на танҳо аз Донишгоҳ, балки аз Тоҷикистони азиз ҳам, дурам, сӯҳбати ошкору самимона баргузор шуд: профессор ҳамон меҳру отифаи пешинаро нигоҳ доштаанд -- бадин далел, ки ҳар ду ҳам баччаи ҳамин Донишгоҳ ҳастем ва сӣ сол аз умри худро дар ҳамин даргоҳ сипардаем.

Зимни дидор профессор Ҳабиб Сафаров мужда доданд, ки Ҳукумати Тоҷикистон тасмим гирифтааст, панҷоҳсолагии Донишгоҳ дар сентябри соли 1998 ба таври шоиста ҷашн гирифта шавад.

Ин мужда маро ба "хазинаи хотираҳо" бурд: ба ёди устодони гиромӣ, ки бисёре ин ҷаҳони фониро падруд гуфта ва ба дунёи боқӣ шитофтаанд; баъзе имрӯз ҳам машаққати тадрис ва парваришро мекашанд, ки сарашон аз санг бод!

Ин мужда маро ба ёди ҳамдарсон бурд: ҳамдарсоне, ки барои якдигар ба монанди хоҳару бародар азизу меҳрубон будем... ва ҳастем!

2

Сешанбеи 28 баҳманмоҳ (17 феврал) сӯи Бандари Аббос парвоз кардам, ҳамроҳ бо шоир Муҳаммадалии Аҷамӣ ва нависанда Мирзо Шукурзода: барои ширкат дар панҷумин ҳамоиши устодони забон ва адабиёти форсӣ, ки Донишгоҳи Ҳурмузгон ҳарсола барпо мекунад. Банда гузорише дар мавзӯи "Нигоҳи Низомии Арӯзии Самарқандӣ ба шеър" доштам.

Дар толор нишастаам, аммо ҳушу ёдам дар устодону ҳамдарсон. Ҳатто ҳангоми суханронӣ ҳам бо худам набудам. Андеша ин

чо гиреҳ хӯрда, ки фурсатро аз куҷо пайдо кунам ва сарро куҷо халонаму танҳо худам бошаму ёди устодону ҳамдарсон? Танҳо худам бошаму "хазинаи хотираҳо"?

Худо бузург аст ва гиреҳро боз кард.

Дирӯз, пас аз гузориш, райиси мӯҳтарами Донишгоҳи Ҳурмузгон, доктор Парвизи Нурпаноҳ ва дабири ҳамешагии Ҳамоишҳои забон ва адабиёти форсӣ, доктор Сарвари Мавлоӣ, пешниҳод карданд, ки ҳафтае дигар меҳмони донишгоҳ бошем.

Ҳамроҳонам, бо сабабҳое натавонистанд бипазиранд ва аммо банда гуфт: "Кӯр чӣ мехоҳад? --

Ду дидаи бино!".

## 3

Соли 1957; довталабони бисёре ба Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон, барои риштаи забон ва адабиёти форсии тоҷикӣ имтиҳон супурданд; гурӯҳи бузург аз имтиҳонот гузаштанд; раёсати Донишгоҳ ба ҷои панҷоҳ нафар, шаст нафарро қабул кард; даҳ тани дигар зӯракӣ хонданд. (Ин даҳ нафарро "сомеъ" ва "шунавандаи ихтиёрӣ" мегуфтанд, ки истилоҳи муносибе нест. Камина низ аз ҷумлаи ҳамин "зӯракӣ" хондагиҳо ҳастам, аммо сухан дар ин бора дар поён хоҳад омад). Ва тобистони соли 1962 гурӯҳи бузурге, ҳудуди шаст нафар риштаи забон ва адабиёти форсии тоҷикиро дар Донишгоҳи Давлатии Миллии Тоҷикистон ба поён бурданд. Ин хатм, навбати даҳуми ҳамин Донишгоҳ буд.

Ин 36 соли сипаришуда нишон дод, ки хатми даҳум, агар беҳтарин набуд, ба хар ҳол, яке аз беҳтаринҳо дар таърихи Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон ба шумор меояд, чаро ки бештар аз ними он дастпарварон, имрӯза омӯзгорони маъруф, рӯзноманигорон ва адибону олимони машҳури Тоҷикистон мебошанд.

Дар остонаи ҷашни фархундаи Донишгоҳ ба ёд овардани хонишу рӯзгори донишҷӯёни пешин ба хотири ситоиши онон нест: онҳо ба ситоиш ниёз надоранд. Аммо кофтани асрори муваффақияти онон, ки реша дар таҳсили донишгоҳӣ дорад, беш аз ҳама ва пеш аз ҳама аҳамият барои донишҷӯёни гиромии имрӯз ва фардо дорад -- мутахассисони донову тавонову

меҳрубон, ки Тоҷикистони азиз бароятшон хеле ҳам ниёзманд аст.

Аммо гуфтаанд, ки:

Бе мураббӣ зери гардун мӯътабар натвон шудан,
Моҳи навро рафта-рафта чарх оламгир кард.

Ин рӯшан аст, ки агар устодони равоншод: Шарифҷон Ҳусайнзода, Абдулғанӣ Мирзоев, Додоҷон Тоҷиев, Ҳилол Каримов, Воҳид Асрорӣ, Гулсум Баракаева, ҳамчунин устодони меҳрубон: Соҳиб Табаров, Саъдоншоҳ Имронов, Саид Ҳалимов, Малоҳат Шаҳҳобова, Субҳон Амирқулов, ва ... мураббӣ набуданд, номи Бурҳон Ғанӣ ва Назирабону Қаҳҳорова, Бозор Собир ва Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Нозирҷон Арабзода ва Нурмуҳаммад Табаров, Асадулло Саъдуллоев ва Мазҳабшоҳ Муҳаббатшоев, Раҷаб Мардон ва Ғулом Муродалиев, ва ... аз хонаву русто ва шаҳрашон дуртар намерафт.

Ба ҳамин далел, дар ин навишта, сухан аз устодон сар мешавад ва пас ҳамдарсон меоянд ва дар поён – ҳикоёте аз кори устодон ва рӯзгори шогирдон.

Ва аммо ин тавзеҳ ҷой дорад, ки тибқи шароит, танҳо баъзе аз усто-донро ёд хоҳем кард ва бо ишороте маҳдуд хоҳем шуд.

Ногуфта намонад, ки қайду забти мо бештар бардошти шогирдона аст, то баррасии пажӯҳишгарона. Умед меравад, ки ин навъ корҳоро пажӯҳишгарони оянда барои баррасӣ ва навиштани зиндагиномаи комил ва илмии фарзандони барӯманди миллат истифода хоҳанд кард -- барои муаррифии онон, барои рушди миллат.

Гуфтаанд: "Банда бо умед аст"; ва умеди банда аз худованд ин аст, то маҷоли зиндагӣ диҳад ва аз бандагонаш – устодону ҳамдарсон ва дигарон – ин аст, ёрӣ диҳанд, ки ин навиштаҳои парешон ҷамъътар ва комилтар гардад.

**Бандари Аббос**
**Якуми исфанди 1376 (20 феврали 1998)**

ПЕШКАШ

ба азизоне, ки аз шунидани номи Донишгоҳи Давлатии Миллии Тоҷикистон шод мешаванд.

## Як: Устодоне, ки рафтаанд (ва ҷояшон ҷаннат бод!)

### 1 – Профессор Воҳид Асрорӣ (1917– 1995)

Фолклоршинос буданд; Борҳо раёсати донишкадаро бар ӯҳда доштаанд.

Ҳангоме курсии фолклор ва адабиёти халқҳои Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ ташкил шуд, устод Асрорӣ мудири он шуданд ва то поёни умр дар ҳамин вазифа буданд.

Ҳамроҳ бо академик Раҷаб Амонов китоби дарсии "Эҷодиёти даҳанакии халқ"-ро (барои донишгоҳҳо) навиштаанд. Чанд китоби дигари эшон: "Зарбулмасалҳо ва мақолҳои халқи тоҷик" (1956), "Халқ ва адабиёт" (1967), "Адабиёт ва фолклор" (1968), "Халқият ва нависанда" (1982).

Ба мо аз "Услуби таълим" дарс додаанд.

### 2 -- Бону Гулсум Баракаева

Духтари Бухоро буданд.

Аз забони инглисӣ дарс медоданд; дар гурӯҳи мо (яъне "А").

Муаллимае буданд, бағоят меҳрубон, ҳамонанди модарон ва хоҳарон; бениҳоят самимӣ. Шояд ҳамин самимияту сӯхтанҳо буд, ки худро хеле зуд адо карданду рафтанд ва ҳамаи шогирдонро дар азо гузоштанд.

### 3 – Устод Абдураҳмон Бухоризода

Зодаи Самарқанд буданд; ҳарчанд "Бухоризода" ном доштанд.

Ҳангоме шомили Донишгоҳ шудем, эшон раёсати донишкадаи таърих ва адабиётро бар ӯҳда доштанд. (Дар поёни ҳамон соли якум, ҷояшонро устод Тоҷиев гирифтанд).

Паҳлавонҷусса буданд, ду сандалиро якҷо мегузоштанду менишастанд. Дар ҳаёти пушти сохтмони марказӣ (донишкадаи мо се соли нахустро дар бинои марказӣ таҳсил кардааст) чойхона буд ва устод он ҷо соатҳо шоҳмот мебозиданд, бештар бо Петрушков, мудири курсии забон ва адабиёти русӣ, ки дар ҷусса наздик ба худашон буд.

Устод аз забон дарс медоданд.

Шогирдашон Ҷӯрабой Раҳматуллоев, ки дар бораи "сар" рисолаи дипломӣ

менавиштанд, мегуфтанд, ки устод «луғати чаппа сохтан доранд».

## 4 – П рофессор Темур Каримов (1928)

Райиси донишкада буданд (он замон забон ва адабиёти форсии тоҷикӣ, забон ва адабиёти русӣ ва таърих ҳама бо ҳам буданд).

Таърихшинос буданд, дар мавзӯи "Исёни Хуҷанд", ки соли 1916 дар муқобили сиёсати мардикоргирии Русияи подшоҳӣ ба миён омада буд, пажӯҳишҳое анҷом додаанд.

Ба мо дарс надодаанд, аммо ба унвони раҳбари донишкада пуштибонии гарми эшонро зиёд эҳсос кардаем.

## 5 – Профессор Ҳилол Каримов (1908—1990)

Нависандаи китоби дарсии "Алифбо" буданд; китобе, ки рӯи панҷоҳ чопро дидааст. Луғатдон ва фарҳангсоз буданд.

Мудирии кафедраи забони форсӣ ва раёсати донишкадаи ховаршиносиро (пас аз донишкадаи мустақил шудани он) бар ӯҳда доштанд.

Аз вожашиносӣ дарс додаанд. Нишонаҳои калимаҳои арабиро аз эшон омӯхтаем.

Асрораш пӯшида монд, намегузоштанд, ки ёддошт кунем; мегуфтанд: "Ба хотир супоред, коғазро ҳайф накунед!"

## 6 – Академик Абдулғанӣ Мирзоев (1908—1976)

Раҳбари Пажуҳишгоҳи Ховаршиносии Фарҳангистони Фанҳои Тоҷикистон буданд, раёсати курсии забони арабиро низ бар ӯҳда доштанд, аз таърихи адабиёт дар қуруни 15 ва 16 дарс медоданд.

Устод ҳаргиз аз рӯи навишта намехонданд (ончунон ки бисёре аз устодон навиштаҳои худро мехонданд); балки дар ҳар дарс бо худ чанд китоби кӯҳна меоварданд ва дар лаҳзаҳои даркорӣ пораҳое қироат мекарданд ва ё дар тахта менавистонданд.

Дарсҳои устод озодона буданд, пораеро нақл мекарданд; мепурсиданд, ки: «фаҳмидед, ё на?» Бо чанд суол, аз ҳар кас, ки шубҳа дошта бошанд, ба пораи гуфташуда таҳким мебахшиданд; ҳангоме итминон пайдо

карданд, мавзӯъ ҳазм шуд, чанд дақиқа фурсат медоданд, то шогирдон бардошти худро бо калима ва ҷумлаҳои худ ёддошт намоянд.

Зимни суҳбат "масалан"-ро зиёд ба кор мебурданд. Боре, дар дарсе, дар ҳар "масалан" гуфтаашон рахчае дар ҳошияи дафтар кашидам, дар поёни дарс, теъдоди рахчаҳо ба 84 расидааст.

Дарсҳои устод, батакрор мегӯем, ки сирф бо мавзӯи адабиёт маҳдуд намешуд. Танҳо як намуна. Рӯзе гуфтанд: "Агар мусоҳибатон гӯяд, ки ӯзбак ҳастам, пурсед: аз кадом қабила? Агар гуфт, ки марқа, қунғурот, лақай, барлос, минг..., ба ҳарфаш бовар кунед, вале агар қабилаашро гуфта натавонад, донед, ки гузаштагонаш тоҷик будаанд".

Чанде аз таълифоти устод: "Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик" (1947), "Мулҳами Бухороӣ" (1948), "Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои 10 то 15" (1957), "Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ" (1958), "Камолиддини Биноӣ" (1957), "Фониӣ ва Ҳофиз" (1968), "Навоӣ ва Ҷомӣ" (1968), "Амир Хусрави Деҳлавӣ ва мақоми ӯ" (1976), "Сездаҳ мақола" (1977). Баъзе аз китобҳои устод дар Русия, Эрон, Покистон ва ... низ чоп ва нашр шудаанд.

Донистем, ки устод дар сафи ҳизби камунист нестанд. Ин эҳтирому таҳаҷҷуби моро ба устоди донишманд ва сахтгир боз ҳам афзуд. Агар бидуни камунист будан, ба баландтарин мартабаҳои илмӣ ва обрӯю эҳтироми ҳамагонӣ расидаанд, пас, дарвоқеъ тавонманд будаанд, бо дониш худро нишон додаанд. (Ҳамин ифтихороти даруниро аз аллома Айнӣ низ доштем, ки эшон ҳам дар сафи ҳизби камунист набуданд).

### 7 – Устод Григорий Михаличенко

Аз аҳли Хӯқанд буданд, аз ҳамин сабаб забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбакиро бисёр нағз медонистанд; худашон украин буданд; аз забони русӣ дарс медоданд (дар гурӯҳи «Б»).

Сахтгир набуданд. Агар ҳофиза фиребам надиҳад, соли дуввум мехондем, китобашон дар бораи падежи забони русӣ чоп шуд (ва ҳамаи мо харидем).

Аз роҳбарии эшон дар мавсимҳои пахтачинӣ хотироти ширин дорем.

## 8 – Устод Роза Неменова

Аз забони русӣ дарс медоданд (дар гурӯҳи «А»); забони тоҷикиро ҳам нағз медонистанд. Бисёре аз ноҳияҳои кӯҳистонии Тоҷикистонро русто ба русто гаштаанд; дар заминаи гӯишҳои тоҷикӣ пажӯҳишҳое анҷом додаанд.

Хеле меҳрубон буданд ва нағз дарс медоданд.

Ба касе китобе, мақолае ва ё чизи дигар ваъда карда бошанд, гӯшае аз даструймоли худро гиреҳ мекарданд, то аз ёд наравад.

## 9 – Академик Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов (1906—1979)

Ҷои асосии корашон Пажӯҳишгоҳи Забон ва Адабиёти ба номи Рӯдакӣ буд, он ҷо бахши забоншиносиро роҳбарӣ мекарданд. Ва бо Донишгоҳ низ ҳамкорӣ доштанд.

Дар бораи забон ва гӯишҳои тоҷикӣ китоб ва мақолаҳо навиштаанд.

Барои мо аз лаҳҷашиносӣ дарс хонданд.

Содафеъл буданд.

## 10 – Профессор Додоҷон Тоҷиев (1915—1987)

Мудири кафедраи забони тоҷикӣ буданд; сарфу наҳв дарс медоданд; дарси махсусе аз феъл барои мо хондаанд.

Китобҳои илмӣ ва дарсӣ навиштаанд.

Дарсҳояшон озод буд; ҳамаи шогирдон, ҳатто устодони ҷавонро "ту" мегуфтанд. Ҳангоми мисол вожаи "лола" ("лолаи сурх", "лолаи кӯҳӣ", "лола шукуфт"...)-ро дӯст медоштанд.

Қомати баланде доштанд; дар рафтор ва гуфтор чолок буданд.

## 11 – Профессор Шарифҷон Ҳусайнзода (1907—1989)

Мудири кафедраи адабиёти классикии форсии тоҷикӣ буданд; аз давраи нахусти ҳамин адабиёт (яъне қуруни 10—15) дарс медоданд.

Китобу мақолаҳои зиёде навиштаанд; "Адабиёти тоҷик" (дар асрҳои даҳ то понздаҳ), ин китоби устод, ҳудуди панҷоҳ сол барои

синфҳои ҳаштум аз дабиристонҳо китоби дарсӣ буд. "Сухансарои Панҷруд" дар бораи устод Рӯдакӣ (1958), "Ҷалол Икромӣ" (1959), "Девони Камол" (1984-1985) аз дигар корҳои эшонанд.

Бо талоши эшон дарси нав: "Шеършиносӣ" дар Донишгоҳ сар шуд; худашон мехонданд, нахустин бор барои мо хонданд.

Устод аз мавзӯи дарс ҳеҷ гоҳ берун намерафтанд, боре ҳам иттифоқ наафтодааст, ки дар бораи худашон, хонавода, ё шиносону устодони дигар гап кушода бошанд.

Дарсҳоро аз навиштаҳояшон, ки ба хати рези форсӣ буд, мехонданд.

Устод бағоят сахтгир буданд; агар донишҷӯён, ҳатто бо садои паст, миёни худ чизе мегуфтанд, сахт оташин мешуданд, то андозае, ки то поёни дарс дигар ба худ намеомаданд. Аммо бачаҳо сахт ва самимона эҳтиром мекарданд. Мегӯянд, ки шогирдашон Мирзо Солеҳ (акнун худ доктор ва устоди Донишгоҳ аст), ҳангоми сӯҳбати телефонӣ ҳам даст пеши бар гирифта, рост меистодааст.

## 12 - Устод Худойдод Ҳусейнов

Раҳматӣ аз забон дарс медоданд. Ба чеҳра хандон набуданд, ба дил хандону меҳрубон буданд. Ба андозае меҳрубону хайрхоҳ, ки одами бегона наметавонист тасаввур кунад. Ҳамин дили ҳассосу меҳрубон кори устоди моро карду то шаст ҳам нагузошту аз миёни мо бурд.

Хотираҳои ширине аз дарсҳояшон, раҳбариашон дар таҷрибаомӯзии муаллимӣ, пахтачинӣ, бахусус аз сафаре ба Конибодому Исфара (ҳамроҳ бо Худойназар Асозода) бо мост...

Худо раҳматашон кунад!

## 13 – Устод Ҳайдар Ҷӯраев

Дарс намедоданд, аммо устод буданд, устодтар аз бисёр устодоне, ки дарс медоданд.

Раҳматӣ аз устодони равшанфикри Донишгоҳи Самарқанд буданд, яке аз он гурӯҳи бузурге, ки душманони фарҳангу миллати мо, "душмани халқ" эълон карданд ва дар Сибир зиндон намуданд.

Устод Ҳайдар Ҷӯраевро низ дар сафи устодон Тӯрақул Зеҳнӣ, Раҳим Ҳошим, Ғанӣ

Абдулло, ва ... дар давраи Хрушев "сафед" карданд.

Дар бахши дастнависҳо ва китобҳои шарқии китобхонаи Донишгоҳ кор мекарданд.

Бо роҳбарии устод Ҳусайнзода ва кӯшишҳои бедареғи устод Ҷӯраев, ин бахш аз китобхонаи марказии Донишгоҳ ҷудо шуд, назди донишкада рафт, баъдан номи "Ганҷинаи Ҷомӣ"-ро гирифт (дар айёми бузургдошти панҷсаду панҷоҳумин соли таваллуди Мавлавии Ҷомӣ), бо Эрон тамос барқарор кард ва китобҳо дарёфт намуд, ва акнун на танҳо дар Донишгоҳ, балки дар Ҷумҳурӣ яке аз махзанҳои муҳим ба шумор меояд.

Ҳамин ду тани шариф, яъне Ҳусайнзода ва Ҳайдар Ҷӯраев, солҳо заҳмат кашиданд, то ки толори бузурге (аввал дар сохтмоне дар поёни бозори "Шоҳмансур", баъдан дар хиёбони Айнӣ сохтмони 37 ва саранҷом дар бинои нави Донишгоҳ дар "Буни Ҳисорак") бо тасвири бузургони пешин, лавҳу нақша ва тоблуҳои арзишманду донишомӯз ороста гардад, ва бо нусхаҳои хаттӣ ва китобҳои чопи сангиву ҷадид ташкил ёбад.

Ду: – Устодоне, ки ҳастанд (ва соящшон кам мабод!)

## 1 – Профессор Субҳон Амир

Он рӯзгор устоди ҷавон буданд ва аз таърихи адабиёт дар қуруни 16 то 19 тадрис мекарданд (бештар дарсҳои амалӣ); аз рӯзгор ва осори Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, ки амири манғит ба шаҳодат расонд, дарси вежа доштанд.

Барои дониши хуб ва дарси нағзашон ҳама дӯст медоштанд.

Акнун ҳам дар ҳамон даргоҳ машғули тадрис ва пажӯҳиш ҳастанд; дараҷаи илмии фавқуддуктуро (докторӣ) ҳам дарёфт кардаанд.

## 2 – Профессор Саъдулло Асадуллоев (1932-1998)

Эшон ҳам он рӯзгор устоди ҷавон буданд ва аз таърихи адабиёти классикии давраи баъд дарс мегуфтанд (бештар дарсҳои амалӣ); аз рӯзгор ва осори Мавлоно Абдуллоҳи Ҳотифии Харҷурдӣ дарси махсус доштанд.

Шогирди устод Мирзоев буданд ва дар мавзӯи "Лайлӣ ва Маҷнун"-и Ҳотифӣ поённо-маи номзадӣ навиштанд.

Акнун дар Донишгоҳи Давлатии Хуҷанд раёсати курсии адабиётро бар ӯҳда доранд.

Чанде аз навиштаҳои устод: "Лайлӣ ва Маҷнуни Абдуллоҳи Ҳотифӣ" (1962), "Лайлӣ ва Маҷнун дар назми порсӣ" (1981), "Мунтахаби ашъори Тошхӯҷа Асирӣ" (1982)[1].

## 3 – Профессор хонуми Хосият Бобоева

Он замон барои мо аз таърихи ҳизби камунист тадрис карданд; баъдан Донишгоҳи Пизишкии ба номи Бӯалӣ Сино рафтанд ва раёсати курсиро бар ӯҳда гирифтанд.

Хеле ҳам сахтгир буданд; бавежа дар мавриди духтарон (шояд бад-ин хотир буд, ки духтарон гӯшакиро дӯст медоштанд).

---

[1] Хабари нохуш расид, ки устод дар тобистони 1998 даргузаштаанд. Ҷояшон ҷаннат бод!

4 – Профессор Муҳаммадназар Болтаев

Аслан аз Бухоро буданд; пажӯҳишҳое дар бораи Шайхурраис анҷом дода ва китоб бузургҳаҷме навиштаанд.

Барои мо мантиқ тадрис мекарданд.

Баъдҳо аз Тоҷикистон, мутаассифона, рафтанд; солҳо дар Қаршӣ (пештар: Насаф) раиси Донишгоҳ буданд; акнун дар Бухоро, дар Донишгоҳ машғули тадрис ҳастанд.

5 – Устод Саъдоншоҳ Имронов

Он рӯзгор устоди ҷавоне буданд ва бо дониши нағзу нутқи бурро ва овози форам тасхир мекарданд. Эҳтиром ва муҳаббат ба устод ҳамагонӣ ва самимона буд.

Барои мо аз осори шифоҳии мардуми тоҷик, муқаддимаи адабиётшиносӣ дарс гуфтанд ва аз назмшиносӣ дарси амалӣ гузаштанд.

Рӯзгор ва осори Ибни Ямини Фарюмадиро омӯхтанд, китоб навиштанд ва поённомаи номзадӣ дифоъ карданд.

Акнун ҳам дар Донишгоҳи Давлатии Миллии Тоҷикистон, ки худ ҳам бачаи он ҳастанд, машғули кор мебошанд.

6 – Устод Мардон Муҳаммадиев

Устоди курсии забони форсии тоҷикӣ буданд ва ҳастанд.

Дар бораи ҳамгунҳои забони тоҷикӣ китобе таълиф карданд, ки машҳур аст.

Аз сарфу наҳви забони тоҷикӣ дарсҳои амалӣ доданд.

Бағоят ҳалим ҳастанд.

7 – Устод Турсунбой Неъматзода

Дар замони таҳсил раёсати донишкадаро навбате бар ӯҳда доштанд. Баъдан ҳам борҳо дар ҳамин вазифа гузида шуданд.

Аз рӯзгор ва осори Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳи Бухороӣ рисолаи номзадӣ навиштанд ва китобе ба чоп расонданд.

Аз курсии адабиёти классикӣ дарс мегуфтанд ва акнун низ ҳамон ҷо ҳастанд.

Шунидам (ва хурсанд шудам), ки дар ин авохир поённомаи докторӣ дифоъ кардаанд.

## 8 – Устод Соҳиб Табаров (1924)

Узви Фарҳангистони Улуми Тоҷикистон.

Ҳудуди сӣ сол, аз ҷумла дар замони хондани мо ҳам, раёсати кафедраи адабиётро бар ӯҳда доштанд. (Солҳои баъд курсиҳои "Адабиёти классикӣ", "Фолклор ва адабиёти халқҳои Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ" аз ҳамин курсӣ ҷудо шуданд.)

Устод аз адабиёти муосири тоҷик ва назарияи адабиёт дарс додаанд. Аз маъруфтарин назарияпардозони адабиёт дар Тоҷикистон ба шумор меоянд.

Худашон ноқиди оташинқалам ҳастанд ва дарсҳояшон низ оташин буд.

Ҳамаро танбеҳ медоданд, шадидан ва бе истисно. Аммо кинае ҳаргиз ба дил роҳ намедоданд ва намедиҳанд. Баръакс, ҳар касеро бештар сарзаниш мекарданд, ғоибона бештар дӯст медоштанд. Таҷаммулгароӣ (карру фарр)-ро чашми дидан надоштанд ва надоранд. Рӯзе шодравон Назирабону ва равоншод Авлиёқулро супориш карданд, ки аз фардо пӯшоки оддӣ, монанди дигарон, бар тан дошта бошанд: бештарин донишҷӯён фарзандони деҳқон ҳастанд ва бо душворӣ зиндагӣ мекунанд ва либосҳои нағзи шумоёнро дида, дилашон ним мешавад.

Устод аз тундӣ ва ошкоргӯии худ озори зиёд ҳам дидаанд, чунончи барои дарёфти дараҷаи илмии докторӣ, ду бор кор пешниҳод карданд ва корҳо ҷиддию шоиста ҳам буданд, ва аммо ҳар ду бор ҳам пешпо хӯрданд.

Устод аз пуркортарин суханшиносони тоҷик ба шумор меоянд. Дақиқае вақтро талаф намекунанд. Агар аз чоп нашудани коре, дасту диламон ба кори дигар пеш наравад, бо оҳанги сахти хосаи худашон мегуфтанд: "дар дег бошад, ба кафлез мебарояд".

Эшон устоди бевоситаи банда буданд ва ҳастанд; агар устод набуданд, гумон аст, ки имрӯз ин коғазу қалам дар дасти ман бошанд.

Чанде аз таълифоти устод: "Садриддин Айнӣ" (1953), "Пайрав Сулаймонӣ" (1962), "Ҳаёт, адабиёт, реализм" (дар 5 ҷилд, 1966—1990), 2 китоб дар бораи нақди адабӣ.

## 9 – Профессор Бозор Талабов (1932)

Дар курсии забони тоҷикӣ буданд ва дарсҳое ба мо низ додаанд; ва пасон Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ рафтанд.

Дар гирдоварӣ ва баррасиву чопи зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ корҳои шоиста анҷом додаанд. Дар ҳамин ришта донишманди мумтоз ҳастанд.

## 10 – Профессор хонуми Малоҳат Шаҳҳобова (1929)

Духтари шоистаи Бухороянд, аз хонадони ҳунармандони маъруф Шаҳҳобовҳо.

Мудири курсии забонҳои хориҷӣ буданд ва аз забони инглисӣ дарс медоданд.

Акнун дар Фарҳангистони Ӯлуми Тоҷикистон, раиси курсии забони инглисӣ ҳастанд. Чандин китоб навиштаанд, аз ҷумла фарҳанг ва китоби дарсӣ.

## 11 – Устод хонуми Кимиё Шукурова

Аз устодони ҷавони курсии забони тоҷикӣ буданд ва дарсҳои амалӣ ба мо додаанд. Солҳои ҳаштодум бознишаста шуданд.

## 12 – Академик Муллоҷон Эркаев (1910)

Аз ходимони ҳизбӣ ва давлатӣ буданд ва баъдан ба корҳои илмӣ омаданд; дар замони мо раёсати курсии таърихи ҳизби камунистро бар ӯҳда доштанд (он замон ин курсӣ бузургтарин ва бонуфузтарин дар Донишгоҳ буд).

Ба мо дарс додаанд. Аз мақолу тамсил ва унсурҳои дигари забони зинда фаровон истифода мекарданд, ба андозае, ки ҳеҷ устоди дигар баробар бо эшон набуд.

Ҳангоме дар Шӯравӣ Фарҳангистони вежаи улуми таълим ва тарбия бунёд ёфт, дар ҷумлаи нахустинҳо устод Эркаев низ академик баргузида шуданд.

Пас аз солҳо Донишгоҳи Омӯзгорӣ рафтанд; ва акнун ҳам он ҷо машғули тадрис мебошанд[1].

## 13 – Устод Миср Эшниёзов

Соле, ки пой бар остони Донишгоҳ бурдем, ёвари курсии забони тоҷикӣ буданд, баъд устод шуданд, акнун ҳам он ҷо устодӣ мекунанд.

Нахустин шахсе ҳастанд, ки мо аз донишгоҳиён шинохтем; дар маросими қабули мадрак ва имтиҳонҳо ширкат доштанд.

Ба мо аз шевашиносӣ дарс додаанд, дар таҷрибаҳои лаҳҷашиносӣ ва омӯзгорӣ роҳбарӣ кардаанд.

Суҳбаташон дар ғояти нармӣ ва мулоиматӣ аст, касе аз эшон сухани дурушт нашунидааст.

Чанд китоби илмӣ ва таълимӣ навиштаанд.

Ҳанӯз дар ҳамон курсӣ хизмат мекунанд.

## 14 – Устод Саид Ҳалимов

Пештарак аз шомил шудани мо, Донишгоҳро хатм кардаанд; дар курсии забони тоҷикӣ машғул ба кор буданд ва ҳастанд.

Донишҷӯй буданд, ки мақолаашон дар бораи забони "Гулистон" дар маҷмӯаи илмии Донишгоҳ чоп шуда буд.

Аз "Матни классикӣ" дарс доданд. (Ғараз аз ин воҳид, ки дар маҷмӯъ 36 соат буд, омӯзиши хати форсӣ буд). Пас аз ошноӣ бо алифбо, "Гулистон" хондем. Баҳрамандии мо аз бӯй ва ҳусни "Гулистон" ва расм-ул-хати форсӣ ба шарофати ҳамин муаллим аст.

Бағоят ҷиддӣ буданд. Дар синфхона ҳаргиз қавоқи худро боз намекарданд. Нахустин коре, ки аз ворид шуданашон ба синфхона анҷом медоданд, ҷо ба ҷой кардани донишҷӯён буд: намегузоштанд, ки духтаре дар паҳлӯи ҷавоне нишаста бошад.

Чанд китоб навиштаанд, аз ҷумла дар таърихи забон.

---

[1] Намедонистам, ки устод дар соли 1996 даргузашта будаанд. Ҷояшон ҷаннат бод!

## 15 – Профессор хонуми Мукаррама Қосимова (1933)

Аз нахустин хатмкунандагони Донишгоҳ буданд; аз забони тоҷикӣ дарс медоданд; пас аз фавти устод Тоҷиев раёсати курсии забонро ба ихтиёр гирифтанд. Акнун низ ҳамон ҷо машғули кор ҳастанд. Чанд навбат раёсати донишкадаро низ бар ӯҳда доштанд.

Китобҳое таълиф кардаанд; китоби дарсии "Матни классикӣ" аз ҷумлаи навиштаҳои эшон аст.

БАХШИ ДУВВУМ:

# ҲАМДАРСОН

## ФЕҲРИСТ

Ба гузашти замон ва газиданҳои "каждуми ғурбат" (ба ибораи Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ), кӯлвори хотира сӯрох-сӯрох шудааст. Ба ҳар ҳол мекӯшам, то номи ҳамдарсони азизамро дар пешонии ин бахш (бахши дуввум, пас аз "Устодон") ёдовар шавам. Агар Худо накарда, номи азизе ғалат ояд ё кам ояд, аз ман набинанд, аз замони бевафо бинанд ва аз ҳамон каждуми ғурбат.

Азизон гила накунанд, ки банда "гурӯҳбозӣ" карда бошам, балки тартиби алифборо риоят кардаам – тартиби алифбои сирилии тоҷикиро, ки тибқи он, нахуст "А" меояд ва пас "Б".

Гурӯҳи "А":

1. Абдулмаҷидов Ҳакимҷон
2. Авазов Аҳтам
3. Азизӣ Муҳаммадазиз
4. Алифбекова
5. Ашӯров Назруллоҳ
6. Бексариев Бобак
7. Бобоҷонова Мақсуда
8. Буйдоқов Холмурод
9. Давлатов Муҳаммадҷон
10. Давлатов Мирзоҳаёт
11. Давлатшоев Марҳаматшоҳ
12. Довудова Роза
13. Икромов Абдураҳмон
14. Имоддинов Ҳабибҷон
15. Ӣсоев Мирдодо
16. Ёдгоров Шоҳмузаффар
17. Ёраҳмадова Нуқра
18. Каримова Аъло
19. Мавлонова Раъно
20. Муродалиев Ғулом
21. Мусулмонқулов Раҳим
22. Муҳаббатшоев Мазҳабшоҳ
23. Назарова Саидабибӣ
24. Неъматзода
25. Сайфуллоева Наҷафбегим
26. Салимбекова Марзия
27. Сафоев Шодмон
28. Шарифов Латиф
29. Шодиева Муслима
30. Қодиров Авлиёқул
31. Қудратова Лола

32. Ҳайдаров Сайфулло
33. Ғаниев Бурҳон
34. Ғуломов Ашӯр
35. Ҷумъабоева Офият

Гурӯҳи "Б"

1. Азимов Ҳувайдо
2. Исломов Аҳмад
3. Камолов Ширинҷон
4. Мансуров Рустам
5. Мардонов Раҷаб
6. Мираков Одина
7. Муяссарова Турдихон
8. Нодирова Раъно
9. Нозимов Абдусалом
10. Одинаев Муҳаммадулло
11. Раҳматов Ваҳидулло
12. Раҳматуллоев Ҷурабой
13. Саидов Шералӣ
14. Сафаров Абдулло
15. Саъдуллоев Асадулло
16. Соатов
17. Собиров Бозор
18. Содиқов Рустам
19. Солеҳов Шавкат
20. Табаров Нурмуҳаммад
21. Тураев Ҷалолиддин
22. Файзуллоева Хадичабону
23. Холиқов Ҳабибулло
24. Хоҷаев Афғон
25. Шарифов Расул
26. Шоев Саидаҳмад
27. Шоев Эргашбой
28. Юлдошева Анорабону
29. Эргашев Ҳакимҷон
30. Қаҳҳорова Назирабону
31. Қулматов Нозирҷон
32. Ҷононов Абдусаттор
33. Ҳакимова Сафиябону
34. Ҳафизов Азиз
35. Ҳусайнзода Матин

Азбас ин сатрҳо аз ёд навиш-та мешаванд, номи кӯчаки чанде аз ҳамдар-сон аз ёд рафтааст; ҳамчунин, имкони он ҳаст, ки дар интисоби азизон ба гурӯҳ, иштибоҳе рафта бошад, бузургворона бар ин қалам-шикаста бибахшанд.

Ночорам, бо ҳасрату дарду алам, хабар диҳам, ки гурӯҳе аз ҳамдарсони азизамон хеле зуд сафи моро тарк гуфта ва ба дунёи боқӣ шитофтанд: Марҳаматшоҳ Давлатшоев, Мирдодо Исоев, Марзиябону Салимбекова, Ҷалолиддин Тӯраев, Саидаҳмад Шоев, Назирабону Қаҳҳорова, Авлиёқул Қодиров, Лола Қудратова, Абдусаттор Ҷононов, Сафиябону Ҳакимова, Ашӯр Ғуломов.

Равонашон шод бод!

Ва акнун мехоҳам ҳамдарсони азизамро бишиносонам (ба тартиби ҳуруфи сирилии тоҷикӣ), баъзеро батафсилтар, чандеро кӯтоҳтар -- барои донишҷӯёни азизи имрӯзӣ ва фардоӣ, то бародарон ва хоҳарони бузурги худро беҳтар бидонанд, ва аз роҳи рӯшанашон бираванд -- бо нияти хизмат ба миллату кишвар.

Ва боз бо чунин тавзеҳу пӯзиш, ки агар баъзеҳо фурӯгузор шудаанд, далел ин буда, ки огоҳии камтар доштаам ва имкон ҳам маҳдудтар. Зинҳор ин тавр нест, ки назарам нагирифта бошад.

Бино бар он аст, ки ин муаррифӣ омехта оварда шавад, яъне ки аз ҳар ду гурӯҳ як ҷо ва пай дар пай ва ба тартиби алифбои сири-лии тоҷикӣ.

Ва аммо мехоҳам танҳо якеро берун аз ин қоида, болотар аз дигарон, пештар ва бештар аз дигарон, оварда бошам – устод Бозор Собирро. Банда бар ин бовар аст, ки устодон ва шогирдон хоҳанд пазируфт ва аммо ҳамдарсон бар ҷумлаи ҳамон густохиҳое хоҳанд донист, ки гоҳ гоҳе рух медод.

Агар хатми даҳум як шеъри олишон аст, Бозор Собир ҳусни матлаи он мебошад. Пушида нест, ки ба шеъри муқовимати тоҷик вай, худаш, ҳусни матлаъ бастааст.

## 1 -- Бозор Собир

Соли 1938 дар деҳаи Суфиёни ноҳияи Кофарниҳон ба дунё омада, мактаби миёнаро дар ятимхонаи Ҳисор ба поён расонда-аст.

Дар дарсҳо камтаваҷҷӯҳ буд; шояд бад-ин далел бошад, ки дарсҳо чандон арзишу ҷаззобият надоштанд.

Дар дарсҳо забондарозӣ ҳам намекард, дунболи баҳсҳо ҳам набуд. (Ончунон ки, масалан, Азизӣ ошиқи баҳс буд). Посухаш ба гуфтору рафтори ношоиста, як табассуми (дақиқтараш заҳрханда) буд, ки онро ҳанӯз ҳам нигоҳ доштааст. Нороҳатии дарунии худро ҳаргиз ошкор намекард, ки акнун ҳам намекунад. (Дар мисоли Бозор дидем, ки таҳаммул ва бурдборӣ аз нишонаҳои бузургӣ будааст).

Беш бист нафар аз ҳамдарсони мо, аз ҳамон соли якум, дағдағаи шоирӣ ва нависандагӣ доштанд ва навиштаҳояшон дар «Пионери Тоҷикистон», «Машъал», «Ба қуллаҳои дониш» ва нашрияҳои дигар ба чоп мерасиданд. Ва аммо Бозор дар он рӯзгор дар ин халқа набуд. Шинохте, ки дар он рӯзгор аз Бозор буд, як донишҷӯи шаккок ва назарбаланду дурушттӯ буд.

Соли чаҳорум мехондем, ки як шеър аз Бозор дар моҳномаи «Садои Шарқ» чоп шуд ва боис бар гуфтугӯҳо гашт. Шеъраш аз шоирони ҳамдарси Донишгоҳ, ҳатто шоирони маъруф тафовут дошт.

Пас аз хатми Донишгоҳ ба кори матбуот рафт – «Садои Шарқ», «Маориф ва маданият»...

Муддате дар Афғонистон ҳам кор кард. Дар олами шеър умре, аммо бидуни дағдаға ҷустуҷӯ кард ва саранҷом, он роҳро, ки ме-хост, ёфт. «Роҳ» набуд, балки пайроҳа буд, пайроҳаи сангин ва нешдор. Пайроҳае, ки худаш Шоҳроҳ кард.

(Борҳо ба шеъри Бозор рӯй овардаам, ҳамеша ҳаловат бурдаам, чизакҳое навиштаам, ки яке «Шоире якрӯ ва якзабона» аст, ки дар «Кайҳони фарҳангӣ», пас дар китоби «Забону адаби форсӣ дар Фароруд» ба табъ расида ва дигаре – «Шеъри ғарқи хуни устод Бозор Собир» мебошад).

Китобаш зиёд нест, феҳристаш ин аст: «Пайванд» (Душанбе, 1972), «Оташбарг» (Душанбе, 1974), «Гулхор» (Душанбе, 1978), «Мижгони шаб» (Душанбе, 1981), «Офтобниҳол» (Душанбе, 1982), «Бо чамидан, бо чашидан...» (Душанбе, 1987), «Чашми сапедор» (Душанбе, 1992), «Гузидаи осор» (Теҳрон, 1373!1994), «Шеъри ғарқи хун» (Теҳрон, 1378!1999).

Вай бо дарди миллат пеш аз дигарон ва беш аз дигарон ошно шуд; ва ҳамин дардро пеш аз дигарон ва беш аз дигарон дар мағзи шеъраш ҷой дод. Вай бо сурудани ашъори дарднома қаноат накард, ба миёни ҳодиса рафт ва аз сафи пеши додхоҳон ҷой гирифт.

Соли 1989 барои наҷоти миллати Тоҷикистон аз бӯҳрони фарҳангӣ, ҷунбиши мардумии «Растохез» бунёд ёфт, ки яке аз муассисонаш устод Бозор Собир буд.

Соли 1990 барои наҷоти Тоҷикистон аз бӯҳрони сиёсӣ Ҳизби Демократи Тоҷикистон арзи ҳастӣ кард, ки яке аз бунёнгузоронаш устод Бозор Собир буд.

Дар ҳамон солҳо барои Тоҷикистон «қиблаҷӯӣ» карданд; гурӯҳе аз рӯшанфикрон қибларо дар Эрон диданд; дар сари ин рӯшанфикрон устод Бозор Собир қарор дошт.

Мутаассифона, балоро пешгирӣ карда натавонистем. Ва он омад. Онро оварданд.

Соли 1992 бисёре аз сардамдорони наҳзати милливу озодихоҳӣ, тарки Душанбе гуфтанд. Вай танҳо монд.

Соли 1993. Вай дар Душанбе танҳо буд. Исфандмоҳ. Аз Боку занг задам. Овозаш ва суханаш мисли ҳамеша таскинбахш буд: «Ҳас-там; хиёбон ҳам меравам...» Пурсидам: яъне, ки амният ҳаст ва ман ҳам баргардам? Гуфт ки: «Раҳим, бачем, ҷои гарматро хунук накун!»

Рӯзи шашуми фарвардин (26 март) зиндонаш карданд. Пас аз 279 рӯз озод шуд. Азбас сахт озор дида буд ва барои амният бовар ҳам надошт, кӯч баст, ба ҷои хеле ва хеле дур – Омрико.

Ва ҷояш дар оғӯши миллат – миллате, ки барояш ҷон меканд ва меканад – холист. Худо кунад, ки барои муваққат бошад.

## 2 – Ҳаким Абдулмаҷид

Солҳои аввал шеър мегуфт ва чоп мешуд. Пас аз Донишгоҳ Хуҷанд рафт ва ҳам худаш ва ҳам шеъраш кампайдост.

## 3 – Аҳтам Авазӣ

«Бӯриев» буд, «Авазов» шуд; аълохон буд ва муддате кӯмакхарҷии Ленин ҳам

гирифт (он замон ин кӯмакхарҷи сад сӯм буд, кӯмакхарҷии муқаррарӣ бист сӯм).

Шеър месуруд, ҳатто дар «Садои шарқ» чоп шуда буд.

Пас аз Донишгоҳ Вахшонзамин рафт ва бо омӯзгорӣ машғул шуд; шеърро, ангор, дар сандуқи ҳафтум қуфл зада.

## 4 – Муҳаммадазизи Азизӣ

Шоир буд, шеърҳои пухта, бештар ғазал месуруд. Дар ҳамон оғоз номаш «Азизӣ» буд, дар ҳоле ки дигарон ҳама пасоянди «-ов» ва «-ова» доштанд.

Ҳамеша суол дар бағалаш буд; бавежа устод Тоҷиевро суолборон мекард. Ва устод Тоҷиев ҳаргиз нороҳат намешуданд, балки бо ҳавсалаи том посух медоданд, аксар занги тафреҳ ба поён мерасид, аммо онҳо «баҳс»-ро идома медоданд.

Вай бо хати форсӣ пешакӣ ошноӣ дошт; ба китобхонаи Миллии Фирдавсӣ рафтуомад мекард. Равоншод Ғозӣ Аҳмадзода (масъули бахши дастнавис, китобу матбуоти Ховар) бовар мекарданд ва китобу маҷаллаҳои Эрону Афғонистонро пинҳонӣ дар ихтиёраш мегузоштанд (он рӯзгор хондани нашрияҳои ин киш-варҳои «буржуазӣ» мамнӯъ буд).

Мо шеърҳои Эраҷ Мирзоро аз дафтари Азизӣ хонда ва дар дафтари худ навиштаем.

Пас аз Донишгоҳ родиё даромад, ҳанӯз аз он Хона набаромадааст.

Акнун низ, ҳангоме "парии илҳом меҳмонаш" мешавад, шеър мегӯяд, аммо аз дасти рашк, ба дасти чоп намедиҳад.

## 5 – Ҳувайдо Азимӣ

Лоғарандом буду сарвқомат.

Шӯхиҳое дошт сода. "Курсии ишқ" таъсис карда буд ва худ мудири он; мурғи дилаш дар ҳавои бонуи Аъло пар мезад ва аммо нишастангоҳ намеёфт.

Маҷнун пас аз хатми Донишгоҳ, дашти Ашт[1] рафт ва ҳанӯз хабаре нест.

[1] Ноҳияест, дар шимоли Тоҷикистон.

## 6 – Нозирҷон Арабзода

Аввал "Арабов" буд, сипас, дар соли севвуми хониш "Қулматов" шуд ва пас аз Донишгоҳ "Арабзода".

Ба Донишгоҳ бо медали тилло омада буд (яъне ки бидуни имтиҳонот шомил гашт); ба забон ва адабиёт чандон дил надошт, мехоста пизишк шавад, аммо устод Неъматзода кашон-кашон Донишгоҳи мо овардаанд.

Нағз мехонд. Яке аз се нафаре буд, ки Донишгоҳро бо мадраки сурх тамом карда ва дар ҳамин даргоҳ барои кор мондаанд.

Шогирди шодравон Ҳусайнзода буд; поённомаи хубе дар бораи Масъуди Саъди Салмон навишт.

Пас аз Донишгоҳ, муддате дар курсии забони тоҷикӣ ёвар шуд, пас Фарҳангистони Фанҳо рафт донишпажӯҳ (аспирант) шуд, дар бахши фалсафа; дар мавзӯи пандномаи Саъдӣ поённома дифоъ кард ва чун устод ба Донишгоҳаш баргашт ва дарс дод; аз таърихи фалсафа дарс мегӯяд.

Ин латифаро шунидааст ва худаш обу тоб ҳам медиҳад. Донишҷӯе аз дигаре мепурсад:

-- "Диамат" (воҳиди дарсии "Материализми диалектикӣ") душвор аст ё "Истмат" (воҳиди дарси "Материализми таърихӣ")?

Дигарӣ посух дод:

-- Лаънат ба ҳар се!

-- Севвумӣ кадом аст?

-- "Қулмат"-ро намегӯӣ?!..

Арабзода дар бораи Саъдӣ, Фахриддини Розӣ, Носири Хусрав китобҳо навиштааст (ҳарчанд худро "хонанда" мешуморад ва нигорандаро нависанда).

Поённомааш дар мавзӯи "Фалсафаи Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии докторӣ омода мебошад; умед ҳаст, ки маросими дифоъ ҳам барпо хоҳад шуд[1].

## 7 – Назрулло Ашӯров

Шунавандаи ихтиёрӣ буд; аммо иҷозати ҳузур дар дарсҳоро дошт. Олуфта ва пешфур-

[1] Ва он дар таърихи 29.09.98 барпо шуд.

так буд. Дар пахта ҳаққи бачаҳоро хӯрд. Ва дар ҳамон соли якум рафт.

## 8 -- Бобак Бексариев

Аз водии Сурхон буд; бисёр мехонд. Баъзе китобҳо, аз ҷумла бадеиро гаштаву баргашта мехонд ва ёддошт мекард. Заҳмати фаровон мекашид. Чанд сол идрори аъло гирифт, пас аз Донишгоҳ зодгоҳаш рафт. Мехост аспирантура биёяд, ангор, хӯрҷини зиндагӣ вазнинӣ кард. Мисле ки бо омӯзгорӣ машғул аст.

## 9 -- Холмурод Буйдоқов

Калонсол буд; пеш аз Донишгоҳ, дар милисаи Хатлон кор мекард ва рутбаи афсарӣ дошт.

Дар ибтидо сардори гурӯҳи "А" таъин шуд ва то поён дар ҳамин симмат монд.

Мувафаққиятҳои синфи мо бидуни баҳс аст ва дар ин пешравиҳо, яке аз омилҳои муҳимтарин – сардорони мо буданд. Ҳам Буйдоқов ва ҳам раҳматӣ Ҷононов инсонҳои собиқадор буданд ва ботамкину дурандешона рафтор мекарданд. Ҳамагон эҳтиромашонро баҷой меоварданд ва худи онҳо низ вазифаву ҷойгоҳи худро хуб мешинохтанд.

Дар давраи имтиҳонот 5-6 нафарӣ тақсим мешудем ва ҳар гурӯҳе як хубхон дошт. Ин хубхон дар муваффақияти гурӯҳаш ҷавобгӯ буд.

Буйдоқов пас аз Донишгоҳ бо таҳқиқоти улуми таълим ва тарбия машғул шуд ва дараҷаи докторӣ дарёфт намуд. Дар Пажӯҳишгоҳи коромӯзии омӯзгорон кор мекунад.

## 10 – Мирзоҳаёт Давлатов

Бисёр меҳрубон буд, бавежа ба шахси банда.

Пас аз шомил шудан ба Донишгоҳ, дигарон хобгоҳ рафтанд ва Мирзо Ҳаёту Мазҳабшоҳ нарафтанд, катҳои худро ба кати ман (ки қабул нашуда будаму хондан мехостам) наздик оварданд. Мо ҳавлии (ҳаёти) пушти Донишгоҳро дар 29 сентябри соли 1957 – рӯзе ки ба пахтачинӣ, Қубодиён, мерафтем – тарк кардем.

Дар айёми пахтачинӣ, Мирзо Ҳаёт (ва чанд тани дигар) ҳар рӯз мепурсиданд, ки чанд кило пахта чидаам? Ва ҳамеша дилбардорӣ мекард, ки ҳатман донишҷӯи расмӣ хоҳам шуд.

Шабе, ки аз пахта бармегаштем, ҳамаи донишҷӯёни соли якумро дар толори хобгоҳ (воқеъ дар хиёбони Айнӣ, 37) ҷой доданд. Катеро банда ҳам соҳибӣ кард. Ниме аз шаб гузашта буд, ки аз хоб бедор карданд: Раҳимов, райиси иттиҳодияи касабаи донишҷӯён, мегуфт, ки ту донишҷӯ нестӣ ва катро холӣ кун! Мо шабро дар кати Мирзо Ҳаёт рӯз кардем ва фардо иҷора кофтем ва ёфтему рафтем (хиёбони Семашко, 9). Баъдан Мазҳабшоҳ ва Ҳабибҷон ва раҳматӣ Мирдодо ҳам бо мо рафтанд.

Мирзо Ҳаёт, пас аз хатми Донишгоҳ ба кори матбуот рафт; аввал дар ҳафтаномаи "Дар посбонӣ" дабири масъул буд; ҳоло раёсати Иттиҳодияи рӯзноманигорони Тоҷикистонро бар ӯҳда дорад.

(Дар Бандари Аббос, ки ин дафтар сиёҳнавис мешуд, рӯйхати ҳамдарсонро бо дасти оқои Ҷурабой Раҷабзода – вай низ дар Донишгоҳи Ҳурмузгон ҳузур дошт, барои Мирзо Ҳаёт фиристодам, то бубинанду маълум кунанд: касе фаромӯш нашудааст? Мирзо аз Душанбе пайғом доданд: ҳама ҳаст, ба ҷуз худам. Хеле хандаовар буд).

## 11 -- Роза Довудова

Дар ҳамон соли якум Донишгоҳро тарк гуфт. Намедонам, куҷо рафт ва чӣ шуд.

## 12 – Абдураҳмон Икромов

Пас аз хидмати сарбозӣ Донишгоҳ омада буд; рутбаи "старшина" дошт ва чанде аз ҳамдарсон бо ҳамин рутба хитобаш мекарданд (худаш ҳам шод мешуд).

Пас аз Донишгоҳ Ғарм рафту омӯзгорӣ кард; ва мекунад. Мактабаш ҳаштсола аст ва дар баландӣ воқеъ гашта -- баландие, ки шаш моҳ дар сол роҳ надорад ва ниме аз ҷаҳонро аз он ҷой метавон дид.

## 13 – Ҳабибҷон Имодӣ

Бачаи Фарғона буд; Донишгоҳро пас аз мо ба поён бурд. Ҳикоят (достон) менавишт; бештар барои кӯдакон ва навҷавонон. Чандин китоб чопу нашр кардааст.

Акнун дар интишороти "Маориф" машғули кор мебошад. (Китоби "Назарияи адабиёт"-и бандаро таҳрир кардааст).

## 14 – Аҳмади Ислом

Каллакалон ва паҳлавонҷусса буд; пойҳояш дардманд. Бо душворӣ роҳ мегашт. Хати хушрӯй дошт. Ҳар чизе менавишт, аммо...

Дар дарсҳо ҷиддан иштирок намекард. Дар ҳамон соли аввал аз қатор бозмонд.

## 15 – Мирдодо Исоев

Бачаи Ӯротеппа (Истаравшан) буд; одоби хуше дошт. Соли аввал дар иҷора бо ҳам будем.

Пас аз Донишгоҳ Шаҳри Тус рафт ва ба омӯзгорӣ пардохт; чанде нагузашт, ки дар тасодуф даргузашт. Равонаш шод бод!

## 16 – Шоҳмузаффар Ёдгорӣ

Содаву софдил ва меҳрубон буд; ва ҳамин сифатҳоро то ҳол нигоҳ медорад. Шеър мегуфт; сурудаҳояш чоп ҳам мешуданд. Аз айёми донишҷӯӣ, бо Мирзо Ҳаёт якдигарро "боҷа" мегӯянд; то ба ҳадде, ки имрӯз баъзеҳо гумон мекунанд дарвоқеъ боҷа бошанд.

Ҳангоме рисолаи дипломӣ дифоъ кардам, бар сарам бо дастаи гул мекӯфт ва такрор мекард:

-- Ношигрит аку!.. Ношигрит аку!..

Пас аз Донишгоҳ ба кори матбуот рафт; аввал дар "Тоҷикистони Шӯравӣ" буд, баъд дар рӯзномаи вилоятии Кӯлоб сардабир шуд; акнун курсии сардабириро дар рӯзномаи "Ҷумҳурият" ба иҷора гирифтааст.

Чанд китоб чопу нашр кардааст, аз ҷумла: "Як шохаи гул" (1970), "Соҳили бахт" (1977), "Даргоҳи деҳқон" (1980), "Симои халқ"(1984), "Ишқи мо пирӣ надорад" (1993).

### 17 – Хонуми Нуқра Ёраҳмадова

Бори нахуст аст, ки ҳамдарси духтар пеши қалам меояд. Бо ҳисси ифтихор ва шодмонӣ, дар ҳамин ибтидо таъкид мекунам, ки ҳамаи духтарони синфи мо хушному хушодоб ва меҳрубон буданд. Дар синфи мо гӯё ҳама бародарон буданд ва хоҳарон. Ва ҳамин қонуни бародариву хоҳариро ҳамагон риоят карданд: ҳеҷ духтаре бо ҳамдарси худ издивоҷ накард.

Нуқра пас аз Донишгоҳ Ғарм рафт ва ба омӯзгорӣ пардохт; он андоза нағз кор кард, ки нишони Дӯстӣ гирифт ва ба роҳбарии ҳизбиву давлатӣ хондандаш.

### 18 – Ширинҷон Камолов

Нағз мехонд; табъи шоирӣ ва машшоқӣ дошт.

Пас аз Донишгоҳ пажӯҳишгоҳи "Рӯдакӣ" рафт. Муддате кор кард; дар чопи "Фарҳанги забони тоҷикӣ" (Маскав, 1969 дар ду ҷилд) саҳм дорад.

Зодгоҳаш -- Ғарм рафт, бо кори идорӣ машғул шуд; бо тасодуфи сахте дучор шуд ва хушбахтона зинда монд.

### 19 – Хонум Аъло Каримова

Чун донаи шабнам шаффоф буд. Гӯё аз абрҳои Помир хеста ва дар садбарги Душанбе нишаста.

Азбас поку соф буд, аз эҳсосотбозиҳои софи Ҳувайдо сахт озурда намешуд. Бачаҳо хоҳарвор эҳтиромаш мекарданд ва дӯсташ медоштанд (Ва медоранд).

Пас аз Донишгоҳ пажӯҳишгоҳи "Рӯдакӣ" (бахши помиришиносӣ) рафт. Ҳанӯз ҳам он ҷост. Рисолаи номзадӣ ҳам дифоъ кардааст.

### 20 -- Раъно Мавлонова

Хоҳари овозхони маъруфи тоҷик Ҳунарпешаи шоистаи Иттиҳоди Шӯравӣ, профессор Ҳанифа Мавлонова буд. Ба таҳсил чандон дил надошт. Дар ҳамон соли якум аз Донишгоҳ рафт.

## 21 – Мансуров Рустам

Номаш аз ёд рафтааст, ба гумонам, «Рустам» буд. Шунавандаи ихтиёрӣ буд, аммо иҷозат дошт. Ба қадри хондан нарасид. Ва рафт.

## 22 – Раҷаб Мардон

Низ шунавандаи ихтиёрӣ буд ва иҷозати ҳузур дар дарсҳоро дошт. Хонд. Донишгоҳро ба поён бурд. Барои кор матбуот рафт.

Шӯх буд. Шӯхӣ-шӯхӣ нависанда шуд. Чандин китоб ба чоп расондааст. Ба узвияти Иттиҳодияи Нависандагон пазируфта шудааст ва баъзе аз ҳамдарсон ҳанӯз бовар надоранд ва гумон мебаранд, ки шӯхӣ бошад.

## 23 – Одина Мирак

Низ шунавандаи ихтиёрӣ буд, иҷозати хонданро дошт. Содаву самимӣ буду ҳаст.

Намедонам, ҳамеша хоболуд буд ва ё вонамуд мекард. Бачаҳо "Хобов" ном ниҳода буданд.

Шеър машқ мекард.

Пас аз Донишгоҳ ба кори матбуот пардохт. Ҳоло дар "Адиб" аст.

Чанд дафтари шеър ба чоп расондааст.

Ҳанӯз бознишаста нашудааст.

## 24 – Ғулом Муродалиев

Низ шунавандаи ихтиёрӣ буд ва иҷозат дошт.

Шӯхтабъ буд. Созе ҳам менавохт. Сурудҳое низ замзама мекард, аз қабили:

Дар фермаи мурғи мо  
Як мокиёни парпо  
Сӯи хурӯсе мегуфт:  
"Во аҷабо, қуд-қудус".

Аз сурудҳои ҷиддиаш ғазале буд аз Шайх Аҳмади Ҷомӣ "Дилбар ба ҳаммом омадаст".

Пас аз Донишгоҳ ба кори матбуот рафт. Китобҳое навиштааст. Чанде дар Афғонистон ҳам кор (тарҷумонӣ) кардааст.

## 25 – Хонуми Турдихон Муяссарова

Духтари Ашт буд. Нағз мехонд.

Пас аз Донишгоҳ, Донишгоҳи омӯзгорӣ рафт ва бо тадрису пажӯҳиш машғул шуд. Поённомаи номзадӣ навишт ва дифоъ кард.

## 26 – Мазҳабшоҳи Хуршед (Муҳаббатшоев)

Бачаи Бадахшон аст. Ҳушманду хушҳофиза ва хушлаёқат, аммо бесаришта (номураттаб), ба андозае ки дигарон барои имтиҳоноти вурудӣ омодагӣ медиданд, вай пианино менавохт, ба дигарон халал ҳам мерасонд.

Забону қаламаш равон буд, шеър ҳам месуруд. Аммо шеъру ҳикоятеву мақолаеро то ҳадди камол нарасондааст.

Донишҷӯй буд, ки дар ҳафтаномаи Донишгоҳ "Ба қуллаҳои дониш" ҳамкорӣ мекард.

Пас аз Донишгоҳ ба кори матбуот рафт. То ба сардабирии рӯзномаи "Тоҷикистони Шӯравӣ" расид. Дар порлумони Тоҷикистон намояндаи мардумӣ ҳам гузида шуд.

Бузургтарин сифаташ шояд ин бошад, ки нафсро зин кардаасту савор шудааст (дар ҳоле, ки он ҷонвар дар бисёре аз маворид хеле аз соҳибони худро хар кардааст). Ҷуз аз манофеи фарҳангу миллат ва кишвар ҳадафе надошт; ва надорад.

Шунидам, ки мушовири раёсати ҷумҳурӣ аст. Агар рост бошад, ба иқболи кишвар хоҳад буд. Иншооллоҳ.

## 27 – Хонуми Саидабибӣ Назарова

Ҳама "Сайбӣ" мегуфтанд. Дар шиноснома-аш низ ҳамин тавр буд. Номаш дар асл бояд "Саидабибӣ" бошад.

Дугонаи наздики бону Лола буд, ҳар ду мактаби миёнаи шумораи 15-и Душанберо ба поён бурдаанд – мактабе, ки бисёр маъруф буд (раисаш раҳматӣ Нодиров, падари Раъно).

Нағз мехонд.

Пас аз Донишгоҳ мактаби миёна рафт ва омӯзгорӣ кард, обрӯй гирифт ва шоистаи чанд ҷоиза ва нишон шуд.

## 28 – Абдусалом Нозимов

Дар пахтачинӣ "мошин" буд, касе ба вай намерасид; дар хондан сода. Яке аз ҳамдарсон шӯхӣ кард, ки дар имлои номи "Бертелс"

иштибоҳ кардааст ва пасоянди "-ов"-ро фурӯ гузошта; вай ҳам ислоҳ кардааст: "Бертелсов".

Пас аз Донишгоҳ ба кор рафт ва дигар хабаре нашуд.

## 29 – Муҳаммадулло Одинаев

Аз "шалғам" қимоб буд. Сабабашро намегуфт (агар касе ҳам донад, танҳо Азиз аст).

Дар бораи хонданаш чизе гуфтан лозим нест, аммо "одам" не, "ҷони одам" буд. Ва ҳаст.

Дар соли чаҳорум коре кард, ки танҳо ҳамдарсон медонанд (дигарон набояд донанд) ва ба ҳамин сабаб Донишгоҳро як сол пас аз мо тамом кард.

Умрашро дар ҳошияи матбуот, дар миёни коғазҳо, дар ҳалқаи фарзандон ва дӯстонаш (бештар – Азиз) сипарӣ мекунад.

## 30 – Ваҳидулло Раҳматов

Бачаи Исфара буд. Бачахондаи Ғарм шуд.

Ба Донишгоҳ аз хидмати сарбозӣ омада буд.

Пас аз Донишгоҳ Рашт рафт ва ба омӯзгорӣ пардохт. Ҳамон ҷо хонадор шуд.

Дар ҳошияи омӯзгорӣ хабарнигорӣ ҳам мекунад. Хабарҳое, ки дар матбуот чоп ме-кунад, аз як то се ҷумлаанд, ба нудрат чаҳор-панҷ ҷумлаӣ.

## 31 – Ҷӯрабой Раҳматуллоев

Бачаи шаҳри Чуст (дар водии Фарғона) аст, ҳамон Чусте, ки дар ятимхонааш устод Сотимхон Улуғзода хондаанд.

Ба Донишгоҳ пас аз хизмати сарбозӣ омад. Нағз мехонд. Одобу фарҳангаш намунаи ибрат барои дигарон буду ҳаст.

Пас аз хатми Донишгоҳ бо лаҳҷашиносӣ машғул шуд. Дар пажӯҳишгоҳи "Рӯдакӣ" кор кард. Гуиши тоҷикони Қирғизистонро баррасӣ кард. Поённомаи номзадӣ дифоъ намуд.

Солҳо дар Афғонистон адои вазифа кардааст.

Акнун дар Донишгоҳи Варзиши Тоҷикистон устоди забони тоҷикӣ мебошад.

Солҳои хондан чанд тан – Эргаш, Расул, Нозирҷон, ва ... бештар ҳамроҳ будем (ҳамроҳ

хурок мехурдем, сайругашт ё китобхона мерафтем) ва дар ҳамин халқа Ҷӯрабой ҳам буд. Борҳо ба зодгоҳи якдигар рафтаем. Воқеан ҳам "ҷони одам" аст.

## 32 – Шералӣ Саидов

Бори якум, ки пахтачинӣ рафтем, духтари нағзеро нағз дид ва як дӯсташро розгӯ кард. Вай ҳам рафт роз гуфт, аммо аз номи худаш. Духтар ба ҳар ду ҳам хандиду ҳар дуро бародар хонд.

Шералӣ ғижжакро нағз менавохт.

Пас аз Донишгоҳ муаллимӣ кард. Дар донишкадаи ҳуқуқ ғоибона хонд ва ба кори милиса гузашт. Рутбаи сарҳангӣ дошт.

## 33 – Хонуми Наҷафбегим Сайфуллоева

Духтари Бадахшон буд, нағз мехонд.

Пас аз Донишгоҳ омӯзгорӣ кард ва мекунад, нишону ҷавоизи давлатӣ дарёфт намуд ва яке аз омӯзгорони маъруфи Тоҷикистон ба шумор меояд.

## 34 – Абдулло Сафар

Ҷавоне ботамкин буд. Шеър мегуфт. Ашъораш чоп ҳам мешуд.

Рақсе дошт, рӯдакан. Гоҳ-гоҳ дар мавсими пахтачинӣ иҷро мекард. Бештар бо хоҳиши Бозор.

Пас аз Донишгоҳ зодгоҳаш – Масчо рафт ва бо омӯзгорӣ машғул шуд ва ҳанӯз ҳам машғул аст.

Ҳанӯз ҳам шеър мегӯяд, аммо акнун чоп намекунад. Дар ҷашни бистумин соли хатм (1982) бо девони шеър дар бағал ҳузур дошт.

## 35 – Шодмон Сафо

Шунавандаи ихтиёрӣ буд.

Шӯхтабъ буд. Ҳамроҳ бо Шоҳмузаффар ва Аҳтам, ҳангоми занги тафреҳ, опера месуруданд, аз қабили:

Э - Э - Й , Ш - О - Ҳ !

Т – У ... К – У – Ҷ – О – И ?

Шоҳ низ аз гӯшае дар ҳамин равия чизе месуруд. Аҳтам ҳам ба онҳо ҳамроҳ мешуд. Аккосиро аз ман ёд гирифт, аммо вай устод шуду ман мондам.

Шодмон пас аз Донишгоҳ ба хабарнигорӣ пардохт. Акнун ҳам бо хабарчинию хабаркашӣ машғул аст.

## 36 – Асадулло Саъдулло

Чанде аз ҳамдарсон (монанди Эргаш), бинобар қомати расояш "Асадуллоча" мегуфтанд (ва мегӯянд). Аммо чанде дигар, бино ба хулқи хубаш "Асадуллоҷон" мегуфтанд (ва мегӯянд).

Ҳамеша (ҳатто ҳангоми ҷавоби чой ҳам) қалам дар даст дошт ва дафтари бузурги ҳисобдорӣ дар бағал. Аз касе чизе шунавад, ёддошт мекард. Гоҳе он ёддоштҳоро ба очерк ва фелетону ҳикоят табдил медод, ва баъзан ба чоп ҳам мерасонд. Аз ин кораш борҳо ба бало гирифтор ҳам омадааст. Дар баъзе аз навиштаҳояш худашро дар либоси "Акрам" пинҳон мекунад.

Вай гузидае аз даҳ дафтарро бо номи "Бомдоди шубоб" чопу нашр кард (Душанбе, 1994, 142 сафҳа). Ва боз таҳдид карда, ки пас аз ин 18 дафтари дигарро бидуни ихтисор чоп мекунам!

Пас аз Донишгоҳ ба телевизион ва матбуот рафт. Ба мансабҳои баланд ҳам расид. Аммо аз илм ҳам дур нашуд, аз Донишгоҳ низ дил наканд; балки аз домони устод Табаров дудаста дошту раҳо накард, то ин ки номзади илм нашуд.

Солҳо дар Афғонистон кор кард, дар Донишгоҳи Кобул аз фанни рӯзноманигорӣ дарс дод. (Ҳадяи гаронбаҳо – тасбеҳ, ки аз он кишвари гиромӣ бароям оварда буд, ҳамеша бо ман аст).

Акнун дар Донишгоҳи худамон устод аст ва раёсати курсии рӯзноманигорӣро низ бар ӯҳда дорад.

Шунидам, ки дараҷаи докториро низ дарёфтааст. Муборакаш бод!

## 37 – Рустам Содиқов

Ҷавони хушодобу хушмуомила ва камнамое буд.

Пас аз Донишгоҳ, барои кор дафтари арзёбии матбуот (Главлит) рафт. Ва то имрӯз ҳамон ҷост.

## 38 – Нурмуҳаммад Табаров

Бачаи Кофарниҳон буд, нағз мехонд. Русиро хеле нағз медонист. Бо қалам ошноӣ дошт.

Пас аз Донишгоҳ, ба кори рӯзноманигорӣ пардохт; хабарнигори вежаи "Комсомолская правда" (чопи Маскав), сардабири рӯзномаҳои "Ҷавонони Тоҷикистон", "Комсомолец Таджикистана" ва "Тоҷикистони Шӯравӣ" буд. Вазири фарҳанги Тоҷикистон ва дар порлумон вакили мардумӣ низ буд.

Ҳикоёт ва намоишномаҳое навиштааст. Чанде аз намоишномаҳояш ба саҳна рафтаанд, ҳатто дар хориҷ аз кишвар.

Ҳикоёт ва мақолоти ҷиддие, ки бо имзои "Т. Афсар" чоп мешаванд, навиштаҳои Нурмуҳаммади мост (ба қавли баъзе ҳамдарсон: "Мулло Кином").

Ахиран роҳбарии "Тоҷикфилм" бар ӯҳдааш гузошта шудааст.

## 39 – Афғон Хоҷаев

Ҳарчанд содагиҳо дошт, аммо бад намехонд.

Пас аз Донишгоҳ, чи карду чи накард, ба кунҳи ин маънӣ расид, ки: "мероси падар магиру касби падар омӯз!" – милиса шуд ва хеле баланд рафт: то рутбаи сарҳангӣ.

## 40 – Расул Шарифов

Бачаи Самарқанд аст. Дар аввал худро як андоза боло мегирифт ва баъд поин омад, яъне ҳаллоҷии ҳамдарсон нафисаш кард, монанди абрешим. Аз ҷумлаи меҳрубонтарин ҳамдарсон маҳсуб мешавад.

Пас аз Донишгоҳ родиё ва матбуот рафт. Ва акнун ҳам дар иттиҳодияи рӯзноманигорон машғули кор аст.

## 41 – Саидаҳмад Шоев

Ҷавони паҳлавонҷусса ва содафеъл буд.

Пас аз Донишгоҳ дар мактаби маъруфи Айнии ноҳияи Ленин (канори Душанбешаҳр) ба муаллимӣ пардохт.

Хабар расид, ки даргузаштааст. Худо раҳмат кунад!

## 42 -- Эргашбой Шоҳзода

Зоҳиран дар хондан ҷиддӣ набуд, аммо ҳушу зеҳни қавӣ дошт. Бинобар каллаи дамовандмонандаш "Сардароз" мегуфтанд (чунончи, сухани дӯстдоштаи Асадуллоҷон дар ҳар дидор ин аст: "Сари дирозта бод бхра!").

Шогирди устод Тоҷиев буд.

Пас аз Донишгоҳ Ғарм рафт ва омӯзгорӣ кард. Аммо "шогирдрабои Донишгоҳ" дубора кашиду овард: донишпажӯҳ шуд, поённома дифоъ кард ва номзад шуд, устод...

Ва ҳанӯз ҳам устод аст ва аз забони форсии тоҷикӣ дарс мегӯяд. Хаёли бознишаста шудан надорад.

Он замон шӯхӣ-шӯхӣ шеър мегуфт. Ин шӯхиро гоҳ-гоҳе идома ҳам медиҳад. Чунончи чаҳоряк аср пеш аз ин, дар айёми ҷашни бисту панҷ солагии Донишгоҳи азиз суруде сохт, бо номи "Дорулфунун, Дорулфунун!" ва онро дастаи ҳунарпешагони донишкада, бо роҳбарии шодравон Алиакбар Мӯъминов механданд. Матни он шеър ин аст:

Эй манбаи илми замон,
Ту ифтихори тоҷикон!
Шоистаи сад достон,
Дорулфунун! Дорулфунун!

Рахшанда чун шамси мунир,
Баҳри ҳама барнову пир,
Ту раҳнамову дастгир,
Дорулфунун! Дорулфунун!

Аз ҳар канори кишварем,
Чун хоҳарону додарем!
Меҳрат ба ҷон мепарварем!
Дорулфунун! Дорулфунун!

Мо ҷумла шогирдони ту!
Фархунда фарзандони ту!
Болем зи шаъну шони ту!

Дорулфунун! Дорулфунун!

Дар рӯзи ҷашн аз мо дуруд!
Рақсида мехонем суруд!
Бо шеъру бо оҳанги худ!
Дорулфунун! Дорулфунун!

## 43 – Хонуми Муслима Шодиева

Шунавандаи ихтиёрӣ буд. Чун хоҳарон меҳрубон буд.

Донишгоҳро пас аз мо ба поён расонд; ва акнун аз муаллимаҳои маъруф мебошад.

## 44 – Хонуми Анора Юлдошева

Нағз мехонд. Забони русиро хеле ҳам нағз медонист.

Пас аз Донишгоҳ ба кори матбуот ва нашриёт пардохт, китоби бисёре аз забонҳои дигар ба тоҷикӣ тарҷума ва чоп кардааст.

Солҳо роҳбарии интишороти "Адиб"-ро бар ӯҳда дошт. Акнун муовини вазири фарҳанг ва иттилоот аст.

## 45 – Ҳакимҷон Эргашев

Соли якум мехондаем, ки лавҳаю очерку ҳикоёташ дар "Машъал" ва "Пионери Тоҷикистон" чоп мешуданд. Аз духтарон мепурсид, ки барои қаҳрамонон номҳои нағзу шоиста пешниҳод кунанд.

Рафта-рафта бо коғазу қалам ҷангиву қаҳрӣ шуд. Аммо бо Душанбе – пойтахт унс дорад. Дар гаштаки ҳамдарсон, ки моҳе як бор баргузор мешуд, фаъол буд.

## 46 -- Бурҳон Ғанӣ

Раҳмати масчоӣ буд; ширинсухантарин, латифагӯтарин дар синф буд.

Хати форсиро пеш аз Донишгоҳ медонист. Бо ин дониш ҳам обрӯй ёфта буд.

Ин ҳунари нодирро дошт, ки мегуфту механдонд ва аммо худ намехандид. (Монанди равоншод Боқӣ Раҳимзода).

Пас аз Донишгоҳ "Хорпуштак" рафт, дар шогирдии шодравон устод Фазлиддини Муҳаммадӣ якпоя истод ва хеле чизҳоро омӯхт.

Ва ин "Хорпуштак" барои Бурҳон ин андоза писанд буд, ки аз бағалаш нарафт, то даме, ки худаш гум нашуд. Пас аз гум шудани "Хорпуштак" Бурҳон ҳам зиёд наистод: рафт. Нобасомониҳои Тоҷикистон ҳамдарси азизи моро бурд.

Номи чанде аз китобҳояш, ки танзпарварон зиёда дӯст медоранд: "Хушомадгӯёнро азиз доред" (1973), "Сареву савдое" (1977), "Хеши падарӣ" (1988). Мегӯянд, ки чизи калону арзишманде ҳам мондааст, худо кунад, ки ба дасти хонандагон ҳам расад.

## 47 – Ашӯр Ғуломов

Ёвонӣ буд. Самимияту садоқат дошт.

Пас аз Донишгоҳ зодгоҳаш рафт, ба омӯзгорӣ пардохт. Чанде нагузашт, ки ба кори раҳбарӣ гирифтандаш. Афғонистон равон карданд, барои тарҷумонӣ. Ва аз он ҷо дар тобут овардандаш. Худованд боқии рӯзу рӯзиашро ба бозмондагонаш бибахшад!

## 48 – Хонуми Назира Қаҳҳорова

Духтари нахуствазири Тоҷикистон, шодравон Абдулаҳад Қаҳҳоров буд (эшон фарди фар-ҳангӣ буданд ва бо тахаллуси "Туробӣ" шеър ҳам месуруданд). Тарбияи бисёр хуби фарҳан-гӣ дошт.

Пушти сараш ҷуфти мӯи дарозаш, ки бо қомати баландаш бозӣ мекард, ҳусни дигар бар ситораи гарми духтар афзуда буд. Танҳо Ҳакимҷон буд, ки гоҳ-гоҳе бо нӯги ангушт бозии софдилона бо кокулонаш мекард, чун сухани сахте "ҷоиза" мегирифт, қоҳ-қоҳ механдид. Аммо касе ҳам буд, ки орзуи бозии ҷиддӣ дар хаёл мепарварид, вале хаёл – хом буду хом монд, напухт, ки напухт...

Донишгоҳро, ки аъло хатм карда буд, дар худи ҳамин ҷо истихдом шуд.

Шогирди дӯстдоштаи устод Ҳусайнзода буд; поённома навишт ва дараҷаи номзадӣ дифоъ кард.

Бо пажӯҳишҳои илмӣ саргарм буд, ки фариштаи аҷал бахилӣ карду рабуд (1984) ва ҳамаро доғдор гузошт.

Устод Бозор Собир вазифаи худро хуб дарк кард ва дареғономаи сӯзноке гуфт, ки номаш ҳам "Доғнома" аст:

Ҳамон рӯзе туро ба теппаҳо бурданд,
Нигоҳам бе ту андар кӯча музтар монд.
Нигоҳамро ба сӯи теппаҳо рондам,
Нигоҳам дар миёни теппаҳо дармонд.

Ахир аз чиллаи фасли зимистон буд,
Ки дар чилсолагӣ рафтӣ ту аз дунё.
Сари наъши намозиат намоз омад
Чу Хизре, мӯсафеди барф аз саҳро.

Ҳамон рӯзе туро бар теппаҳо бурданд,
Бароят дилсиёҳу сарнагун будам.
Ҳама мардум сияҳ пӯшида аз берун,
Валекин ман сияҳпӯш аз дарун будам.

Ҳамон шоме, туро дар бистари хокӣ
Миёни теппаҳо монданду баргаштанд.
Чу рустоӣ, шаби бигрифтани маҳтоб
Дили ман "ҳою ҳуй" мезад малолатманд.

Ба дунёи ту бояд рафт аз ин дунё,
Мазористон раҳи наздику ту дурӣ.
Агарчи гарди поятро намебинам,
Намехоҳад дилам, гӯям, ки: дар гӯрӣ.

Назарҳое, ки бар кӯи ту меронам,
Ҳавоӣ мераванд аз кӯчаву кӯят.
Вале ҳар дафъа дар роҳи назарҳоям
Зи оби дидаам обича мерӯяд.

Бароят дар бадан кардам сафед, охир,
Тамоми устухонамро ба "вовайло".
Саропо дар сари соли ту пӯшидам
Чу пӯшоки сафедӣ, мӯсафедиро.

## 49 – Авлиёқул Қодиров

Фарзанди падаре буд, ки дар "тасфияи сталинӣ" табъид ва нобуд гашта, ва дар аҳди Хрушев "сафед" шудааст. Ин фоҷеа дар рӯҳияаш асар дошт.

Хушлибос буд. Нағз ҳам мехонд.

Пас аз Донишгоҳ, пажӯҳишгоҳи фалсафа рафт. Бо корҳои илмӣ машғул шуд. Дар фалсафаи ирфонӣ рисолаи номзадӣ навишт, аммо аҷал амон надод...

## 50 – Хонуми Лола Қодирова

Номи аслиаш "Бибироҳила" будааст.

Ду-се соли аввал аълохон буд.

Ману Бахтиёри Муртазавӣ нону намаки падари эшонро зиёд хӯрдаем: соли дуввуми таҳсил, дар хонаашон (воқеъ дар маҳаллаи "Шоҳмансур" кӯчаи "Умед") иҷоранишин будем (пас аз мо дар он ҳуҷра оғои Ардамеҳр иқомат дошт ва як халта китоби моро ҳам ба "ғанимат" бурд).

Лола падару модари меҳрубон, хоҳару бародарони ғамхор дошт, мо ба ин хонадон эҳтироми зиёд доштем ва дорем.

Пас аз Донишгоҳ, Лола барои омӯзгорӣ рафт ва то поёни умри кӯтоҳ дар ҳамин кор буд. Дар 19 июни соли 1994 даргузаштааст (ҷояш ҷаннат бод!).

## 51 – Сайфулло Ҳайдаров

Донишҷӯе буд, ки гӯё дар ҳошия мехонд: хонааш, дар Ҳисор буд, ҳар рӯз мерафту меомад. Китобу дафтараш дар миёнбандаш буд.

Пас аз Донишгоҳ кори омӯзгориро сахт гирифт. Кори дигаре кард ва обрӯи дигаре ёфт. Китобхонаашро то ҳадди имкон такмил дод ва дар хидмати хонандагони маҳалла гузошт. Ҳатто аз маҳаллаҳои дигар меомаданд ва китобашро ба амонат мебурданд. Ин кори неки Сайфуллоро матбуот дар солҳои ҳашто-дум зиёд навишта буд.

Вай одати дигаре ҳам пайдо кард: соле моҳонаашро пасандоз мекарду ҳангоми таътил ба кишваре ҷаҳонгардӣ мерафт.

Муаллим Шариф Мирзоев, аз ҳамдиёрони Сайфулло, ки ҳаҷ мерафт, аҳволашро пурсидам. Гуфт:

-- Бемории қанд доштааст, надонистаанд, доруи глюкоза додаанд, даргузашт. Худо раҳматаш кунад!

## 52 – Хонуми Сафия Ҳакимова

Падараш -- раҳматӣ Ҳакимзода – солҳо вазири фарҳанг буданд. тарбияи хубе дошт. Нағз мехонд.

Пас аз Донишгоҳ бо кори омӯзгорӣ машғул шуд.

## 53 – Азиз Ҳафизов

Бачаи Кофарниҳон аст. Сабукиҳо дошт, баъд вазнин шуд. Хеле соф аст.

Пас аз Донишгоҳ дар Душанбе омӯзгорӣ мекунад. Обрӯи хубе ҳам дорад.

## 54 – Матин Ҳусейнзода

Писари устод Ҳусейнзода. Чанд моҳе бо мо хонд ва ба Донишгоҳи Давлатии Санкт-Питербург мунтақил гашт ва он ҷо риштаи арабӣ хонд. Акнун дар Донишгоҳи Давлатӣ Миллии Тоҷикистон устод аст ва бар курсии забони арабӣ раёсат дорад.

## 55 – Абдусаттор Ҷононов

Ҳангоме ба Донишгоҳ омад, калонсол ва ботаҷриба буд. Сардори гурӯҳи "Б" таъин карданд ва то охир ин вазифаро иҷро кард. Бояд бигӯем, ки вазифаашро хуб иҷро кард. Ҷояш оят, ҳамдарсонро чанг мекард, ҷояш оят, пуштибонӣ менамуд; ба ниёзманд пул ҳам медод. Дар ҳар сурат аз ҳоли ҳамдарсон огоҳӣ дошту бетараф набуд. Воқеан ҳам сардор буд.

Пас аз Донишгоҳ ба Хатлон рафт ва бо муаллимӣ машғул шуд.

Зиёд нагузашт, ки хабари маргаш расид. Худо биёмурзад!

## 56 – Хонуми Офият Ҷумъабоева

Аз Хуҷанд омаду хонду баргашт.

Ҳамон ки рафт, дигар хабаре нест.

## 57 – Раҳими Мусулмониён

Тартибро бори дигар вайрон мекунам: худро дар поён меоварам. Ин ба маънии ҳусни мақтаъ нест. Зинҳор. Балки бад-он маънист, ки пойгаҳнишин ("сомеъ") будам. Ва ҳастам. - Дар пойгаҳи хидмати миллат ва кишвар. Бо арзи пӯзиш, ки ин ҷо сухан дарозтар мешавад: охир, "кист, ки худро дӯст надорад?"

Аз чаҳор имтиҳон нуздаҳ хол ба даст овардам.

Раҳматӣ Мақсуд Шукуров, раиси имтиҳон аз "Таърихи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ" сездаҳ суоли изофӣ доданд, зимни пурсиши

охирин, дар соли фавти Наполеон як сол иштибоҳ кардам, "хор." (чаҳор) навиштанд.

Ва қабул нашудам. Дар ҳоле, ки бо 16 хол ҳам шомил шуда буданд. Сабабаш ҳанӯз ҳам маълум нест. Аммо гила аз касе ва ё сарнавишт ҳам надорам, балки хушҳолам, ки қабул нашудаам: инсон тавони фаровон дорад, вале то ночор нашавад, наметавонад онро кор бандад.

Ҳузури райиси Донишгоҳ, равоншод Солеҳ Раҷабов даромадам:

-- Бо 19 хол қабул накарданд.

-- Конкурс, писарам, конкурс, соли оянда биёед!

-- Ман соли гузашта ҳам омада будам, аз шаш имтиҳон 26 хол гирифта будам...

-- Ҷой нест, писар, ҷой нест!

-- Ҷой набошад, рост истода мехонам!

-- Рост истода хондан мумкин нест!

-- Мумкин набошад, милиса биёяду аз синфхона барорад!..

Ба шунавандагони ихтиёрии дигар рухсат доданд, ки дар дарсҳо ҳузур дошта бошанд ва аммо аз банда инро ҳам дареғ доштанд.

Шунавандаи ихтиёрӣ (он рӯзгор бештар "сомеъ" мегуфтанд), азобу машаққат дошт, ки ба яке-ду ишорат мешавад.

Донишкадаи мо дар бинои марказӣ ҷой дошт. Он замон тартибе ҷорӣ буд (солҳои баъд аз миён рафт): назди дар дарбонон буданд ва ҳар, ки билети донишҷӯӣ надошт, иҷозати вуруд намедоданд. Гоҳе дурӯғ мегуфтам, ки "фаромӯш кардаам", гоҳи дигар худро ба даруни анбӯҳ мезадам... (ҳанӯз ки ҳанӯз он дурӯғ ва он сахтиҳо ба ёдам оянд, дилам ғаш мекунад).

Мушкили дигар ин буд, ки шиноснома дар қайди шаҳри Душанбе (он замон: "Сталинобод") набуд. Билети ҳарбӣ, билети комсомолӣ... ҳеҷ яке дар ҷое ба қайд гирифта нашуда буд.

Ин ҳам пайваста озор медод, ки номам дар дафтари синф набуд ва аз ман супориш намепурсиданд...

Дар пахта эълон карданд, ки Лоларо аз Донишгоҳ хориҷ мекунанд (Вай ба ҷои худаш хешбачаашро, ки Рустам ном дошт, пахтачинӣ равон карда буд) ва ба ҷояш ҳар шунавандаи

ихтиёрие, ки беш аз ҳама пахта чинад, ба Донишгоҳ пазируфта хоҳад шуд. Ин хабар барои ман "ҳаёт ё марг"-ро мемонд. Мурданак пахта чидам ва дар рӯзи севвум бо 63 кило ҷои севвумро дар синф (пас аз Ҷура-бой ва Абдусалом) соҳиб шудам. Рӯзҳои баъд ҷои якумро ҳам гирифтам.

Дар поёни мавсими пахтачинӣ, устод Тоҷиев, ки сарвари ситод буданд, эълом карданд, ки фалонӣ (яъне банда) "донишҷӯи расмӣ" шудам.

Аз пахтачинӣ дар охири озармоҳ баргаштем. Хабаре аз фармон нест. Имтиҳоноти нимсола, ки пушти сар шуданд (ҳамаро аъло супурдам) боз ҳам ҳукм содир нашуд. Имтиҳоноти солона ҳам гузаштанд...

Бачаҳо мебоист Қазоқистон мерафтанд: барои кор дар заминҳои навкорам, ҷиҳати ҷамъоварии гандум. Ҳама омодагии сафарро доштанд. Ҷуз аз ман, ки ҳанӯз маълум набуд: донишҷӯ ҳастам ва ё нестам.

Ҳузури устод Тоҷиев, ки акнун раёсати донишкадаро бар ӯҳда доштанд, даромадам:

-- Агар қабул мекунанд, роҳхат диҳанд, то ҳамроҳ бо ҳамдарсонам омодагии сафарро бубинам, агар қабул намекунанд, мадорикамро баргардонанд, то аз сари нав имтиҳон супорам.

Ва ҳукм содир шуд!

Чаҳор соли дигарро ҳам бо талош хондам, яке аз се дипломи сурх насиби банда шуд ва пешниҳод карданд, ки дар Донишгоҳ монам. Розӣ шудам: мехостам аламҳои дилро пасанда кунам.

Соле дар курсии забони арабӣ ёвар будам. Барои донишпажӯҳӣ омодагӣ дидам ва имтиҳон супурдам. Се сол донишпажӯҳ будам. Дар мавзуи "Саҷъ ва сайри таърихии он дар насри тоҷик" поённомаи номзадӣ дифоъ кардам (1967). Дар курсии адабиёти муосири форсии тоҷикӣ ва назарияи адабиёт устод таъин шудам. Солҳои 1977 то 1979 дар ҳузури Донишгоҳи Давлатии Санкт-Питербург будам ва зери роҳбарии Александр Болдирев – эроншиноси варзидаи Русия – поённомаи докторӣ дар мавзуи "Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнии Нишопурӣ ва масоили асосии шеършиносии классикии форсии тоҷикӣ дар қуруни даҳ то понздаҳи мелодӣ" навиштам, ки дар соли 1980 дифоъ

шуд; соли 1982 унвони профессориро дарёфт кардам. Аз соли 1980 раёсати курси-ро бар ӯҳдаам гузоштанд.

Китобҳое ба чоп расидаанд, ки чанде ин аст:

1 – "Сачъ ва сайри таърихии он дар насри тоҷик" (Душанбе, 1970);
2 – "Асрори сухан" (Душанбе, 1980);
3 – "Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ" (Душанбе, 1983);
4 – "Фурӯғи шеъри ҷонпарвар" (Душанбе, 1984);
5 – "Шеършиносии классикии форсӣ ва тоҷикӣ дар қуруни даҳ то понздаҳи мелод" (Маскав, 1989);
6 – "Назарияи адабиёт" (Душанбе, 1990);
7 – "Дар боғи Фирдавсӣ" (Душанбе, 1992);
8 – "Тоҷикистон: озодӣ ё марг" (Теҳрон, 1994);
9 – "Забон ва адаби форсӣ дар Фарорӯд" (Теҳрон, 1997).

БАХШИ СЕВВУМ :

# ҲАФТОДУ ДУ БАРГ АЗ ДАФТАРИ ЁДҲО

## 1 – Нахустин дарси устод Ҳусайнзода

Нахустин дарси устод Ҳусайнзода гуё пораи сурб буд, ки об карданду рехтанд. Аз он замон то имрӯз беш аз чиҳил сол гузаштааст, аммо он суханон ҳанӯз – ки ҳанӯз дар гӯш садо медиҳанд:

-- Ҳеҷ халқе дар дунё нест, ки монанди халқи тоҷик азоб ва машаққат кашида, зулмҳо дида, хонаву шаҳру фарҳанг обод карда, ва аз даст дода бошад...

## 2 – "Ин Ҳусайнзода чанд Ҳусайнзода бошад?"

Ҳангоме устод Ҳусайнзода аз рӯзгор ва осори бузургони пешин дарс мегуфтанд, тасаввур мешуд, ки худро об мекунанд аз сар мерезанд. Ва дар мавриди дигар боз ҳамин тавр.

Вақте Рӯдакиро мегузаштанд, аён буд, ки барои устод бартар аз вай шоире нест.

Ҳангоме аз Фирдавсӣ суҳбат мекарданд, мусаллам мешуд, ки шоиртаре, меҳанпарасттаре, бузургтаре аз вай вуҷуд надорад.

Чун навбат ба Носири Хусрав мерасид, ин маънӣ таъкид мешуд, ки шоире монанди вай додҷӯ ва ростгӯй ва ҳакиму инсондӯст набуд.

Ҳамин тавр, зимни Хайёму Аттор ва Саъдиву Ҳофиз... Тасаввур мешуд, ки ҳар яке болотар аз дигарӣ аст ва нотакрор...

Боре, яке аз ҳамдарсон, пиндорам, Шоҳмузаффар гуфт:

-- Ҳамин Ҳусайнзода чанд Ҳусайзода бошад, ки об мешаваду об мешавад, аммо тамом намешавад?

Дигарӣ посух дод:

-- Дуруст, об мешаванд, аммо он бузургон, худашон, обро ҷамъ мекунанд ва дубораву себора "Ҳусайнзода" месозанд.

## 3 – "Консертхона"

Соли дуввум мехондем. Дар бинои марказӣ. Донишкадаи физик ҳам он ҷо буд. Онҳо дар синфхонаҳо родиё насб карда буданд.

Устод Ҳусайнзода дарс доштанд. Акнун мехостанд ба мавзӯъ шурӯъ кунанд, ки аз родиёи синфхона мусиқӣ садо дод.

Сардор фаврӣ касеро фиристод. Родиё хомӯш гашт.

Устод ҷумлае гуфта буданд, ки родиё боз ба забон омад.

Ин бор сардор Ҷононов худаш рафт. Мусиқӣ хомӯш шуд.

Сардор ҳанӯз ба ҷои худ нанишаста, мусиқӣ себора баланд шуд.

Устод коғазҳояшонро ҷамъ карданду ба киф андохтанд ва сӯи дар роҳ гирифтанд. Ва ин суханро гуфтанду рафтанд:

-- Ин ҷо Донишгоҳ аст? Ё консертхона?

Чандин дарс мо бе устод мондем.

## 4 – "Ӯй духтар, зани кӣ мешӣ?"

Устод Ҳусайнзода дарс доштанд. Духтаре, ки дар паҳлӯи Раъно буд, гӯшакӣ кард. Аммо устод вайро хезонданд:

-- Ӯй духтар, ӯй духтар. зани кӣ мешӣ?

-- ...

-- Духтари кӣ мешӣ?

-- Нодиров.

Устод аз мавзӯи пешин чизе пурсиданд. Раъно чизе гуфт. Устод:

-- Шин, агар дар имтиҳон ҳамин тавр ҷавоб диҳӣ, нул намемонам!..

Мо, ҳама нигарон будем: сахтгирии устодро ҳама медонист. Аммо Раъно дар имтиҳон "хуб" гирифт.

## 5 – "Муллобачаҳои қашшоқ"

Ашхосе буданд, ки аз ҷойҳои гуногун китоб меоварданд – китобҳои кӯҳна: дастнавис, чопи сангӣ.

Фарҳангистони улум, китобхонаи миллии "Фирдавсӣ" ва аз ҷумла Донишгоҳи мо низ мехариданд.

Боре пирамарде миқдоре китоб овардааст. Ғуломҳайдар китоберо оварду гуфт:

-- Дар курсии адабиёти классикӣ китоб овардаанд, ман якеро харидам! Чанд нафар шитофтем. Дар утоқи адабиёти классикӣ устод Ҳусайнзода буданд ва марди бегонае. Ва китобҳое дар рӯи миз. Китобҳоро дидем. Ман

дар орзуи "Ғиёс-ул-луғот" будам. Будааст. Чопи сангӣ. Хушхон.

Қимат пурсидам. Соҳибаш 25 сӯм[1] гуфт. Ва ман 10 сӯм доштам.

Устод Ҳусайнзода пай бурданд, ки ба ҳамин китоб ҷазбманд ҳастам; инро ҳам донистанд, ки пулам кам аст. Пурсиданд:

-- Чанд пул дорӣ?

-- Даҳ сӯм.

Устод тарафи фурӯшанда:

-- Домулло, диҳед, савоб дорад.

-- Охир, ин пули худаш намешавад...

-- Инҳо муллобачаҳои қашшоқанд, ҳарчи доранд, ҳамин аст, мехонанд, савобаш мерасад...

Ва пирамард розӣ шуд.

Ва китоб моли ман шуд. То даме бо китоб будам, мояи ифтихори ман буд. Акнун намедонам, ки худам дар куҷою китобам куҷо?!

## 6 – "Сомеъ"

Дар маросими дифоъи рисолаи номзадӣ, устод Ҳусайнзода тақризнависи якум буданд.

Зимни арзёбӣ ишора карданд, ки сомеъ будам ва машаққат кашидаам ва инак поённо-маи илмӣ пешниҳод кардаам.

Ҳеҷ гумон намерафт, ки шунавандаи ихтиёрӣ будани ман ва ранҷҳоям дар ёди устод бошанд. Устоде, ки ҳамеша хомӯшанд ва гӯё чизеро намебинанду намедонанд.

Аммо будааст.

## 7 – "То хона намерасад"

Рӯзе, ки моҳона меоварданд, чандин "сандуқ" даҳони худро боз мекард: ҳаққи узвияти ҳизбӣ, иттиҳодияи коргарӣ, анҷумани ҳифзи табиат, ҳилоли аҳмар, созмони ёдгориҳои бостонӣ, кӯмак ба Сомали, ятимҳои ветнамӣ, рӯзи таваллуди фалон ҳамкор, фавти беҳмадон...

Устод Ҳусайнзода, ки моҳе 320 сӯми маоши расмӣ доштанд, бо вуҷуди ин, ки камсухан буданд, рӯзе тоб наёварданд:

---

[1] Он замон баробар бо 35 доллари Омрико.

-- То хона чизе намемонад...

## 8 – "Ашкҳои устод"

Ҷашни бистсолагии хатми даҳум (соли 1982) шоиста баргузор шуд. Раиси донишкада, шодравон, доктор Маҳмуд Давлатов хеле кӯшиданд, то ин маросим ҳарчи шоиста анҷом ёбад.

Бештар аз чиҳил нафар аз ҳамдарсон аз дуру наздик гирд омада буданд.

Аввал дар донишкада, ки воқеъ буд дар хиёбони Айнӣ, 37, нишасте барпо шуд, бо ҳузури даҳ-дувоздаҳ нафар аз устодон.

Бозор, ҳамон "Бозор", ки акнун "устод Бозор Собир" шуда буд, шеъре дар бораи устод Ҳусайнзода гуфтааст ва онро худ бо обу тобаш қироат кард:

Бо асои қоматат худро қапида,
Чун шавӣ пайдо ту дар толори Донишгоҳ,
Бингаранд аз ҳар тараф сӯи ту шогирдон,
Чун ба сӯи соати девори Донишгоҳ.

Хотират ҷамъ аст, гӯё, бениҳоят,
Дар таги поят замин бошад, кифоят.
Беғалат по мегузорӣ зина-зина,
Вақтро дар зери поят мефишорӣ зина-зина.

Ҳеҷ хомӯшӣ васеътар аз хамӯшии ту нест,
Гуфтугӯе беҳтар аз гапҳои гӯшии ту нест.
Дар хаёлам, қатраи ҳарфат
Мечакад аз мӯи барфат.

То ҳанӯз овозаву овозат аз ёдам нарафта,
Дарсҳои он ҳама озодат аз ёдам нарафта.
Олами тиллоии афсонаҳо будӣ,
Қиблаву қутби ҷавониҳои мо будӣ.

Гар бипурсандам: чиҳо омӯхтаам аз мактаби ту?
Ҷаста аз ҷоям, ишорат мекунам бар лаби ту!
Ҳам забони модариро,
Ҳам ғазалҳои дариро,
Ҳам забони модариро аз Ҳусайнзода,
Ҳам ғазалҳои дариро аз Ҳусайнзода!

Эй сипоси мӯю абрӯи сафедат!
Эй сипоси шонаи хамгаштаат!
Эй сипоси умри пурфайзат, ки бар ман
Андаке аз нури имонат расида,
Андаке аз гарди домонат расида!

Эй сипоси чун ту, пири мӯсафедон!
Хоҷаи Хизри қаламдастон!

Ҳамагон диданд, ки устод ашк мерехтанд. Бисёре аз дигарон ҳам диданам буданд.
Маълум набуд, ва ҳанӯз ҳам рӯшан нест, ки он ашк, ашки шодӣ буд? Ё ғам?

## 9 – "Бадбахтӣ"

Солҳои ҳаштодум. Устод Ҳусайнзода аз раёсати курсӣ фориғ шуда буданд ва аммо аз тадрис фароғат надоштанд.

Бомдоди зимистоне иттифоқ афтод, ки дар Шутургардан[1] ҳамроҳ бо устод донишкада биравам.

Боди тунде мевазид ва лабу рӯю гӯшу биниро мелесиду месӯхт.

Зани калонсол, ки як пираҳан дошт ва бо рӯймоле сару рӯяшро печида буд, роҳ мерӯфт.

Устод Ҳусайнзода аз ин манзара об шуданд ва ин садоро доданд, гӯё худ бо худ мегуфтанд:

-- Зани тоҷик хиёбон мерӯбад... зане, ки Буалӣ калон кардааст... акнун вай киро калон мекунад?.. Чӣ бадбахтӣ... Худо аз оқибаташ нигоҳ дорад...

...Чанде нагузашт ва он бадбахтӣ, ки устод аз кӯчарӯбии бонуи тоҷик фол гирифта буданд, бар сари Тоҷикистон омад. Ва аммо хуш ба ҳоли устод, ки ин фоҷиаро надиданд...

## 10 – "Шогирди мо..."

Аз имтиҳони "таърихи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ" посух мегуфтам. Худи Мақсуд Шукуров имтиҳон мекард.

Ҳамин ҳангом шодравон Абдураҳмон Бухоризода, раиси донишкада, ворид шуданд ва муддате гӯш доданд ва тарафи устод Шукуров хушҳолона гуфтанд:

-- Дидед, шогирдони мо таърихро чӣ андоза хуб медонанд!..

Ҳангоме устод Шукуров пас аз посух ба сездаҳумин суоли изофӣ "хор." навиштанд, қа-

---

[1] хиёбонест, бар рӯи пулҳо, дар назди Донишгоҳ (Буни Ҳисорак).

воқи бодомии устод Бухоризода чормағзи шуд ва чизе нагуфтанду рафтанд.

## 11 – “Хонаат рав”

Имтиҳоноти нимсолаи якум ба поён расид.

Назди райиси донишкада даромадам. Устод Бухоризода:

-- Чӣ навъ супурдӣ?

-- Ҳама “аъло”.

-- Бисёр нағз! Хонаат рав, падару модаратро хурсанд кун! Ҳисоб кун, ки донишҷӯи қонунӣ шудӣ!..

Ва ман ҳам шодон Қубодиён рафтам.

## 12 – “Умедам ҳамин буд?!”

Ва хона рафтаму ҳамаро хурсанд кардам: барои падару модар ва хешовандону омӯзгорону дӯстон болотар аз ин мужда набуд, ки ман саранҷом донишҷӯи ҳақиқӣ шудаам!..

Аммо дилам ором надошт, таътил ба поён нарасида, ман ба Донишгоҳ расидам. Хабаре аз ҳукм ҳанӯз нест. Чанд ҳафтаи дигар ҳам сипарӣ шуд.

Ва номаи шиквой ба Шӯрои Вазирон навиштам ва ҳамаи ҷараёнро гуфтам.

Рӯзе ман аз зинаҳо боло мерафтам, ки устод Бухоризода аз боло фуруд меомаданд (дафтари донишкадаи мо дар табақаи севвум, самти чап, утоқи охирин воқеъ буд). Устод ба салом посух надоданд ва ҳолпурсӣ ҳам накарданду гуфтанд:

-- Дафтар биё!

Дафтар рафтам ва интизор шудам. Дилам сиёҳ буд. Дар назарам, вақти зиёде гузашт.

Ниҳоят, устод омаданд. Аз дунболашон ман ҳам ба дафтар даромадам. Инро гуфтанд:

-- Аз ту умед ҳамин буд?!

Чизи дигар нагуфтанд, ба посух ҳам интизор нашуданду берун рафтанд.

Замоне шах шудам, ба худ омадам ва аз пушташон гуфтам:

-- Дигар чи кор мекардам, муаллим?!

## 13 – “Ин мавзӯъро кӣ дод?”

Ибтидои соли дуввум.

Номгӯи мавзӯъҳоро барои поённомаи солона пешниҳод карданд. Ман «Хусраву Ширин»-и Урфии Шерозиро баргузидам. Роҳбари ин мавзӯъ устод Асадуллоев буданд.

Муаллим гуфтанд, ки агар кори дурусте шавад, метавонам дар маҳфили адабиётшиносони ҷавон низ гузорише диҳам.

Дар китобхонаи миллии «Фирдавсӣ» ду нусхаи хаттӣ аз девони шоир мавҷуд будааст, ки яке (агар иштибоҳ нашавад) шумораи даҳро дошт.

Дар ҳар фурсати муносиб сӯи китобхона мешитофтам. Мудири бахши китобҳои нодир ва адабиёти Ховар, пирамарди меҳрубон, равоншод Ғозӣ Аҳмадзода, ҳар ду дастнависро дар ихтиёрам мегузоштанд ва ман мехондам, пораҳои мавриди назарро дар дафтарам рӯйнавис мекардам.

Рӯзе, бомдод китобхона рафтам. Навбати дарси мо пас аз пешин буд.

Дар ҳузури Аҳмадзода марди бегонае буд: миёнсолу миёнақаду айнакӣ. Ман эътибор надодам ва китобҳои худамро пурсидам. Ва аммо пирамард, ки ҳамеша илтифот доштанд, ин бор чандон таваҷҷӯҳ накарданд. Ҳама таваҷҷӯҳашон бо он мард буд. Ва марди бегонаи ай-накӣ ба ман дида дӯхтанд. Гумон кардам, ки нигоҳашон сӯрох мекунад:

-- Урфиро чи кор мекунӣ?

-- Мехонам.

-- Медонам, мехонӣ, барои чи мехонӣ?

-- Кори курсӣ менависам.

-- Ин мавзӯъро ба ту кӣ дод?

-- Муаллим Асадуллоев.

-- Ту медонӣ, ки Урфи сӯфӣ аст, ориф аст? Ту ирфону тасаввуфро аз куҷо медонӣ?..

-- Бирав, ба муаллимат бигӯ, ки Мирзоев мефармояд, ба ту мавзӯи дигар диҳад...

Акнун шинохтам, ки ин мард «Мирзоев» будаанд. Китобу мақолаҳояшон, бахусус «Рӯдакӣ» ва «Сайидо»-ро хонда, аммо худашонро надида будам. Акнун рӯшан шуд, ки чаро мӯсафеди меҳрубон ин бор таваҷҷӯҳ надоштаанд. Охир, Мирзоев, Тоҷикистон ки Тоҷикистон, дар тамоми Шӯравӣ аз машҳуртарин эроншиносон маҳсуб мешуданд.

Ман, ки лаҳза – лаҳза ғуруррамро аз даст медодам, аз шунидани номи «Мирзоев», бата-

мом суст шудам, дида ба замин дӯхтам, ва дар ҳамин ҳол гом ба гом ақиб рафтам.

Ба дар наздик шуда будам, ки устод Мирзоев, сӯи Аҳмадзода гуфтанд:

-- Шасти ҷавон нагардад, китобашро диҳед.

Ва ба ман гуфтанд:

-- Бихон, бодиққат хон, эҳти-ёт кун. Дониста бош, ки ирфон чизи сода нест, шӯхӣ нест. Ҳар суханаш чандин паҳлӯ дорад ...

Нахустин шиносоии банда бо устод Мирзоев ҳамин тавр сурат гирифт.

## 14 – «Сиёсати Мирзоев»

Ба эътирофи ҳамагон, устод Мирзоев тавонотарин адабиётшинос буданд. Китобҳояшон гувоҳи обрӯяшон буданд. Ва ҳамин Мирзоев дар нимсолаи дуввум аз соли дуввум дарс шурӯъ карданд: аз ҳаёти адабии садаҳои 16 ва 17. Ва аммо шахсиятҳои ҷудогона (Бинои, Сайидо, Хоҷа Самандар, ва ...)–ро шогирдонашон Асадуллоев ва Неъматзода тадрис мекарданд.

Имтиҳонро худашон мегирифтанд, бо кӯмаки устод Асадуллоев. Навбати якум, ки ҳафт-ҳашт нафар (ба тартиби алифбо) ворид шуда буданд, ҳамагӣ «ду» ва «се» гирифта хориҷ шуданд. Ҳатто аълохонҳо ба имтиёзи бештар аз ин муваффақ нашуданд. Дигар касе ҷасорат намекард, ки ворид шавад.

Ба худ андешидам: «агар ғалтидам, яке аз ҳаминҳо хоҳам буд, чӣ айб дорад?»

Суолҳо осон буданд. Гузоштам, ва ба посухи ҳамдарсонам гӯш додам: ба осонтарин пурсиш дасту по мехӯрданд. Рӯшан шуд, ки сиёсати устод бачаҳоро пахш кардааст.

Худро далер гирифтам ва он чи медонистам, гуфтам. Қавоқи устод бозтар шуд ва сӯи шогирдашон гуфтанд:

-- Медонистагӣ ҳам будааст!..

Ва нахустин «аъло»-ро ман соҳиб шудам.

Дар берун «сирр»-и сиёсати устодро ошкор кардам ва дигарон ҳам далер шуданду имтиҳон дар маҷрои мӯътадил ҷараён ёфт.

## 15 – «Бузургтарин нависанда»

Рӯзе устод Мирзоев пурсиданд, ки Хоҷа Самандари Тирмизӣ кист? Ғулом баланд шуду гуфт:

-- Бузургтарин шоири садаи ҳафдаҳум.

Устод қаноат накарданд:

-- Аз дафтар хон!

Дар дафтар низ ҳамин маънӣ буд. Устод ба ду нафари дигар дафтар хо-нонданд. Ва ҳама навишта буданд: «Бузург-тарин шоир».

Устод фармуданд:

-- Ҳама дафтаратонро ислоҳ кунед: «Хоҷа Самандари Тирмизӣ бузургтарин нависандаи он рӯзгор аст, шоириаш пеши насри «Дастур-ул-мулук» чизе нест».

## 16 – «Корсоз ҳиммат асту кӯшиш»

Устод зимни дарсҳо бо мавзӯъ маҳдуд намешуданд. Бисёр берун мерафтанд. Боре ин маъниро гуфтанд:

-- Ҳимматро баланд гиред: агар орзу кунед, ки болотар аз ман бошед ва бо ҳамин ният кӯшиш ба харҷ диҳед, баробар бо ман мешавед; вале агар хоста бошед, ки монанди ман шавед, ба дараҷаи ман намерасед, аз ман поинтар мешавед...

Аммо дар тасаввури ман ин буд (ва ҳаст), ки дараҷаи устод Мирзоев дар таърихи адабиётшиносии мо дастнорас буд (ва ҳаст).

## 17 – «Паёми навин»

Пас аз Донишгоҳ дар курсии забони арабӣ истихдом шудам, ба унвони ёвар.

Раиси курсӣ, устод Мирзоев, пурсиданд, ки чи ҳадаф ва чи нақша дорам? Посух додам, ки мехоҳам омодагӣ бинам ва аспирант шавам. Писандиданд ва гуфтанд, ки омодагӣ барои имтиҳоноти донишпажӯҳӣ кори якумин бояд бошад ва дуввумин ин аст, ки саводро дар хати форсӣ такмил кунӣ.

Супориши устод ин буд, ки маҷаллаи «Паёми навин»[1]-ро пайваста хонаму мақолаҳояшро дар дафтаре рӯйбардор кунам ва ҳафтае як бор аз назари устод гузаронам.

---

[1] Нашрияи хонаи фарҳанги Эрон ва Шӯравӣ.

Аз ҳама корҳои идории курсӣ устод маро озод карданд. Ҷадвали дарс, нақшаи тадрис, сурат-ҷаласа ва кулли ташвишҳо бар ӯҳдаи шодравон доктор Владимир Демидчик, ки дар Пажӯҳишгоҳ низ дабири масъул буданд, гузошта шуд.

Инак, дар як сол тавонистам омодагӣ барои давраи донишпажӯҳӣ бинам ва дастам ба хати форсӣ рост шуд, натиҷаи ғамхорӣ ва раҳнамоии устоди бузургвор, шодравон Абдулғанӣ Мирзоев буд.

## 18 – «Ришта ва роҳбар»

Имтиҳоноти аспирантура супурда шуданд. Риштаро мушаххас кардан лозим буд. Институти ховаршиносӣ рафтам ва матлабро ба устод Мирзоев арз кардам. Пурсиданд, ки ба кадом давра: муосир ва ё адабиёти пешин, майли бештар дорам? Бо истиҳола «адабиёти муосир»-ро ба забон овардам. Гуфтанд:

-- Бисёр хуб, пас бо ҳамин давра машғул шав.

Донишгоҳ омадам ва тасмимро гуфтам. Роҳбарро низ аз пеш муайян кардан лозим. Боз ҳам назди устод Мирзоев рафтам. Фармуданд, ки болотар аз устод Табаров мутахассиси адабиёти муосир нест, роҳбари поённомаи донишгоҳиат низ буданд, назди ҳамон кас бирав.

Назди устод Табаров рафтам. Эшон ду пой дар як мӯза, ки: ман роҳбар намешавам!

Боз назди устод Мирзоев рафтам. Гуфтанд:

-- Аз номи ман бигӯй, худашон бояд раҳбар шаванд.

Саранҷом устод Табаров ҳам мувофиқат карданд.

## 19 – «Фолаш нек аст!»

Нахустин китобам (дар бораи саҷъ) аз чоп баромад.

Нусхае барои устод Мирзоев бурдам. Дар дафтарашон буданд. Китобро гирифтанду нигоҳ карданду шод шуданду гуфтанд:

- Муқовааш сабз будааст, иншооллоҳ муборак бошад!
-

## 20 – «Сарзаниши беасос»

Поёни соли дуввуми хониш буд.

Саидумар Султонов, ки раёсати маҳфили адабиётшиносони ҷавонро бар ӯҳда дошт, вазифаашро супурд ва банда интихоб шудам. Он чи расид, феҳристи мавзӯъоти илмӣ буд, барои аъзои маҳфил. Тақсими мавзӯъро идома додам. Чанд мавзӯъ талабгор пайдо накард: дар ин ҷумла «Унсурҳои саҷъ дар «Одина» қиссаи аллома Айнӣ» ҳам буд. Ин мавзӯъро устод Табаров пешниҳод кардаанд. Хостам худам кор кунам, мувофиқати худашонро гирифтан лозим буд. Суроғашон дафтари кафедра мерафтам, ки дидам равонанд. Расидам, салом додам. Ба ҷои посух, тобиданро гирифтанд; ҳай тофтанду тофтанд, аз қабили: «одоб надоред», «эҳтиромро намедонед», «дониш намехоҳед», «Донишгоҳ барои шумо бозист»...

Ман карахт шуда будам, бидуни ихтиёр аз дунболашон ба дафтари кафедра ворид шудам. Пас аз замоне ки ман хомӯш будаму гуноҳи худро намедонистам, ангор, андаке хунук шуданд, ки пурсиданд:

-- Чаро наёмадед?

Маълум шуд, ки дирӯз барои донишҷӯёни соли севвум дарси изофии пешазимтиҳонӣ доштаанд. Ва аммо бачаҳо наёмадаанд.

Ҳангоме фаҳмиданд, ки ман аз соли дуввум ҳастам, аз асп фуромадаанду аз рикоб пиёда нашуданд:

-- Рав! Рав! Ту ҳам аз онҳо чандон фарқе надорӣ!

## 21 – «Абдулло нос намекашад!»

Устод Табаров чизҳое аз қабили носу сигорро бағоят бад медиданд, бо аҳли ин тоифа ҳаргиз наздик намешуданд.

Соли чаҳорум мехондем. Акнун биной донишкадаи мо дар поёни бозори «Шоҳмансур» воқеъ буд. Танаффусе дар миёни дарси худи устод Табаров.

Устод аз гӯшаи шарқии роҳрав ба гӯшаи ғарбӣ меомаданд, бо ғур-ғур. Маълум буд, ки дар он гӯша касе сигор дуд кардааст. Устод ба мо наздик мешуданд ва забонро аз сарзаниш ба ситоиш табдил мекарданд:

-- Ҷавон инчунин мешавад! Монанди Абдулло Сафар! На нос мекашад, на сигор!..

Бачаҳо хандиданд. Абдулло ҳам натавонист худдорӣ кунад ва пақ-пақ хандиду дар ҳар «пақ» фиғонаи дуд аз даҳонаш берун мешуд. Вай аз наздик шудани устод дудро дар даҳонаш пинҳон кардааст.

Устод дигарбора ноҳорат шуданд ва хомӯш сӯи дафтари курсӣ рафтанд.

## 22 – «Ҳафт суолу ҳашт хитоб»

Устод Табаров навиштаҳои шогирдонашонро (гузориш, мақола, кори курсӣ, рисолаи дипломӣ, номзадӣ, ва ...) зиёд нигоҳ намедоштанд, балки дар кӯтоҳтарин муддат хонда бармегардонданд. Ва хондани устод сатҳӣ набуд, балки ҳарф ба ҳарф мехонданд, дар зери вожа ва ҷумлаи носоз хат мекашиданд (гоҳе хатҳо), дар ҳошия ёддоштҳое анҷом медоданд, ба монанди: «бесавод!», «нодон», «кӣ гуфт?», «такрор!», «тафтология», «бемаънӣ!»... ва аломатҳои суол ва хитобро қатор мекарданд. Боре дар мавриди таркибе шумурдам: ҳафт аломати суол дошту ҳашт аломати хитоб.

Устод боғбони доно ва тавоно буданд ва бо табари тез ниҳолро аз қаду бар мезаданд, навдаҳои наркинро кӯтоҳ мекарданд, то навдаҳои ҳосилхез рушд кунад.

## 23 – «Коғази ботила»

Устод Табаров аз ҷумлаи онҳое мебошанд, ки навиштаҳои худро пинҳон нигоҳ намедоранд.

Устод Табаров барои расондани навиштаашон ба ҳуруфчин, ё ба дафтари рӯзнома аз шогирдашон истифода мекунанд. Яъне ки бо хатти устод, бо тасҳеҳу такмили фаровони устод ҳамаи шогирдон хуб ошно ҳастанд.

Мурод аз баёни ин ҷузъиёт ин аст, устодро ҳаргиз надидаам, ки навиштаи худро дар коғази сафед анҷом дода бошанд. Аз он рӯзе, ки устодро шинохтаам, яъне аз солҳои шастуми мелодӣ, надидаам, ки ҷуз аз коғази ботила истифода карда бошанд.

Навиштаҳои худро устод се нусха чоп мекунонданд: якеро бо тасҳеҳу такмил ба дасти чоп медоданд, дуввумиро дар шакли ислоҳшуда нигоҳ медоштанд ва севвумиро барои навиштани чизи тоза ба кор мебурданд.

Ин дар он замоне буд, ки қимати қоғаз бо хоки сиёҳ баробарӣ мекард. Мо кунҷковӣ мекардем, ки чаро дар коғази сафед наменависед? Кӯтоҳ мегуфтанд, ки фардо коғаз бо тилло баробар мешавад.

Дар пайравӣ аз устод мо ҳам ба истифода аз коғази ботила одат кардем.

Акнун мебинам, ки на танҳо нависандаҳо дар коғази ботила менависанд, балки дафтару идора ҳам аз он истифода мекунанд.

## 24 – «Луғати зинда»

Соли 1965. Донишманди маъруфи чехословакӣ доктор Иржи Бечка дар Тоҷикистон ташриф доштанд.

Эшонро устод Табаров, ки бо ҳамдигар дӯсти дерину мукотибот доштанд, меҳмон карданд. Аз шогирдонашон Худой Шарифов ва бандаро низ илтифот намуданд, то аз саодати дидору сӯҳбати устод Бечка баҳраманд шавем.

Зимни сӯҳбат сухан аз аҳли илму адаб ва донишгоҳиён мерафт. Пеши сухан устод Ҳилол Карим омаданд.

Устод Табаров хеле ситоиш карданд. Гуфтанд, ки муаллифи бе бадали «Алифбо» ҳастанд, чандин китоби луғат сохтаанд. Ин сифа-ти устод Ҳилол Каримро зиёда таъкид кар-данд, ки: «Эшон луғати зинда ҳастанд, мо каси дигарро надорем, ки ба андозаи Ҳилол Карим луғатдон бошад...»

Ин арзёбӣ барои мо аз он ҷиҳат ҷолиби таваҷҷӯҳ буд, ки пас аз ҳодисаи муҳимме сурат мегирифт. Ва он «ҳодисаи муҳим» ин аст, ки чанде пеш дар шӯрои олимони донишкада китоби пажӯҳишии устод Табаров «Пайрав Сулаймонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии докторӣ пешниҳод мешуд ва аммо устод Ҳилол Карим эътироз карданд, ки оё Пайрав шоистаи ин дараҷа бошад?.. Ва китоб пешниҳод нашуд.

Мехоҳам ин нукта таъкид шуда бошад, ки устод Табаров ҳарчи доранд, дар нӯги забон доранд ва рӯёрӯй, аммо дили эшон поктар аз ойина аст.

Шахсияти устод Табаров Ҳазрати Мавлавии Балхиро ба хотир меоварад, ки бо ҳама яксон буданд, ҳатто бо баддинону душманонашон.

## 25 – «Бузургӣ»

Устод Табаров ба устод Ҳусайнзода эътиқоди самимона қоил буданд. Борҳо гуфтаанд:

-- Бузургии домулло Ҳусайнзода дар ин аст, ки ба ҳеҷ гурӯҳ ва гурӯҳбозӣ ҳамроҳ намешаванд.

Ин дар ҳоле буд, ки аз носозии миёни ин ду устод ғайбатҳо мекарданд.

## 26 – «Номаи ҳидоят»

Соли дуввуми донишпажӯҳӣ.

Сафари илмӣ ба Маскав доштам. Дар поёни мусофират, устод Табаров низ Маскав ташриф бурданд. Ҷои корамон китобхонаи миллии Шӯравӣ (Ленин), ки аз ғанитарин ганҷинаҳои ҷаҳонии китоб ба шумор меояд. Устод дар толори якум машғул ҳастанд ва мо дар толори севвум.

Ин тартиб ҷорӣ буд ва акнун ҳам ҷорист, ки донишпажӯҳе барои дифоъи поённомаи худ ҳақ дорад, ки дастикам се матлаби илмӣ аз мавзӯъи таҳқиқии худ ба чоп расонда бошад.

Ва аммо банда матлабе ҳам чоп накарда будам. Бо вуҷуди он ки чанд матлаби омода ба чоп доштам. Ва устод Табаров яке аз онҳо-ро гузиданд: «Саҷъ ва пайдоиши он». Ва но-мае навиштанд ба номи шодравон Мастон Шералӣ, ки масъули бахше дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» буданд.

Ман пеш аз устод ба Душанбе баргаштам; нома ва матлабро дафтари рӯзнома бурдам, шоир Мастон Шералиро, ки дарвоқеъ инсони шарифтарин ва меҳрубонтарин буданд, дидам ва номаву матлабро супурдам.

Пас аз муддате матлаб чоп шуд.

## 27 – «Ҳашт нома ба як ҳафта»

Устод Табаров чизеро бе посух намегузоранд. Силсиладафтаре доранд, бо номи умумии «Таассуроти ақлу дил», шумораҳояшон шояд ба панҷоҳ расида бошад.

Ҳама гуна дидаву хонда ва шунидаи муҳими худро пайваста ёддошт мекунанд. Ҳатто дар ҷаласа ҳам. Чаро ки дафтарро ҳамеша бо худ доранд.

Устод дар посухи ҳар нома ҳатман нома менависанд, агар чизе аз ёдашон рафта бошад, ба дунбол номаи дуввум ҳам менависанд.

Солҳои 1977 -- 1979, ки дар Санкт-Петербург будам, ҳафтаҳое мешуд, ки ҳашт нома дарёфт мекардам.

## 28 – «Тоҷик дар Қубодиён намонда буд!»

Тобистоне ҳамроҳ бо устод Табаров, зодгоҳашон Мӯъминобод, ки он замон «Ленинград» мегуфтанд, рафтем.

Яке аз дӯстони пешини устод, ки Абдураҳмонов ном дошт, ва сарҳанге бознишаста буд, ба дидор омад.

Устод шиносонданд, ки фалонӣ аст, бачаи Қубодиён.

Меҳмон дароз дида дӯхт ва ба андеша рафту пас пурсид:

-- Таҳҷоӣ ҳастӣ?

Таъйид кардам, боз пурсид:

-- Яъне тоҷики маҳаллӣ ҳастӣ?

Гуфтам:

-- Бале, тоҷики маҳаллӣ, аз канори Қубодиён, маҳаллаи Ёбуз.

Меҳмон сӯи устод нигоҳ карду гуфт:

-- Аҷаб, ки дар Қубодиён тоҷики маҳаллӣ монда будааст; гумон доштам, ки як хонавода ҳам намонд. Ҳамаро дар «сегона»[1] гум карда буданд; пеш аз он бисёрашон дар «инқилоб» кушта шуданд, ба хориҷа фарор карданд...

Оғои Абдураҳмонов солҳои сиюм дар милисаи Қубодиён хидмат кардаанд.

## 29 – «Намак»

Нону намаки устод Табаровро шогирдон бисёр хӯрдаанд. Бавежа банда ва Худойназар Асозода (ҳамоне, ки имрӯз доктор ва профессор ҳастанд ва раҳбари донишкада). Баҳонаи аслӣ ин буд, ки манзили устод наздик буд ва аз мо дур.

---

[1] Раиси кумитаи амният, сардори милиса, сардори ҳизбии ноҳия, ҳар фарди мавриди шубҳаро, хоҳ дар ғайбат ва хоҳ дар ҳузураш, ҳукми зиндон ё табъид ва ё эъдомро содир мекарданд. Ва касе ҳам ҷою макони шикоятро надошт.

Ҳар гоҳ хонаашон мерафтем, янгаи меҳрубон Ванда ё хӯроки омода доштанд ва ё фаврӣ чизе мепухтанд. Бавежа дар пухтани биринҷу макаронӣ маҳорати камназир доштанд.

Ҳар гоҳ устод барои хариди китоб пул медоданд, бақияро барнамегардондем: «табаррукӣ» буд!

Имрӯз аз пушти ин фосилаи бузурги замониву маконӣ, ҷонам ба фарёд меояд, ки қарзи азиме дар гарданам ҳасту барои ҷубронаш коре аз дастам намеояд, ҷуз зорӣ аз даргоҳаш, ки сари он азизро аз санг гардонад!

## 30 – «Санад дорам!»

Раҳматӣ Ниёзмуҳаммадов дарс доштанд. Аз лаҳҷашиносӣ.

Аз вежагиҳои гӯиши ноҳияи Ашт чизе гуфтанд. Нозирҷон даст бардошт ва интизори рухсат нашуда, аз ҷой хесту гуфт:

-- Ман аз Аштам, дар Ашт ин тавр намегӯянд!

Устод ҳам гардан надоданд:

-- Шин бача, ту чӣ медонӣ, ман дар даст санад дорам! Ҳамин тавр навиштаанд!

## 31 – «Худам навиштаам!»

Ниёзмуҳаммадов раиси комиссияи давлатӣ таъин мешуданд.

Дар соли 1963 низ райис шуд; банда муншии масъул будам.

Барои имзои сурат-ҷаласа коргоҳашон рафтам – Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рудакӣ. Ҳамон айём ришта-мақолаҳояшон дар бораи исм, сифат, ҷонишин, феъл дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» ба чоп мерасид.

Тифоқо, ҳамон рӯз як мақолаи устод чоп шуда буд. Рӯзнома дар рӯи миз густурдааст.

Устод гуфтанд:

-- Ин мақоларо худам навиштам!

Тааҷҷуби маро аз ин ки ҷаро устод ин мавзӯъро таъкид мекунанд? Ба тавре фаҳмиданд ва бо ҳарорати бештар такрор карданд:

-- Ҳамаи мақолаҳоро, ҳаминро ҳам худам навиштаам!..

Ман ҳам табрик кардам ва корамро анҷом додаму рафтам.

## 32 – «Термос»

Пас аз соли дуввуми хониш, дар таътили тобистона Қубодиён будам, ки ба хонаи раҳматӣ Насимов даъват карданд.

Рафтам. Устод Ниёзмуҳаммадов ташриф овардаанд.

Устод барои ошноӣ бо гӯиши қубодиёнӣ сафари илмӣ кардаанд. Аз ман хостанд, ки чанде ҳамроҳӣ кунам ва нуктаҳоеро аз суҳбатҳо ёддошт намоям.

Дар ҳамон рӯзи якум, дар меҳмонии Насимов, соҳибхона дар бораи маънии шаҳри «Тирмиз» пурсид.

Муаллим ба андеша рафтанд, нигоҳе ба ман андохтанду гуфтанд:

-- Вақте Искандари Мақдунӣ лашкар мекашид ба ин минтақа расид, фасли тобистон буду ҳаво гарм. Вай бетоқат шуду гуфт: «Оҳ, термус!» Аз ҳамин, номи ин шаҳр «Тирмиз» шуд.

Намедонам, устод аз ранҷи гармо ин маъниро гуфтанд ва ё ин ки эътиқодашон ҳамин буд.

## 33 – «Бахчиев»

Имтиҳони қабул супурдаему фармон ҳа-нӯз содир нашудааст. Аксар дар гирду атрофи Донишгоҳ ҷунбуҷӯл доранд.

Устод Темур Каримов дар пеши дари ҷанубии Донишгоҳ, коғазу қалам дар даст, рӯйхат месозанд. Ангор, барои кадом коре аз бачаҳо истифода кардан мехоҳанд.

Аз дур Саидаҳмад наздик шуд. Устод:

-- Бача номат чист?

Шоев:

-- Бахчӣ?

Устод ҳам ёддошт карданд: «Бахчиев».

Шоев чанде истод, дид ки хабаре нест, хост дур шавад.

Ва устод аз дунболи вай:

-- Бахчиев! Куҷо меравӣ? Баргард!..

## 34 – «Курсои якум бурафт!»

Соли дуввуми хониш.

Шодравон Темур Каримов сарвари донишкада буданд.

Пахтачинӣ. Ноҳияи Ҳисор. Худи Темур Каримов сардори ситод.

Бомдод бачаҳоро аз хоб худи Темур Каримов бедор мекунанд. Ҳанӯз чашми рӯз накафида ба толор медароянд, чароғро меги-ронанд ва бо овози баланду гӯиши хуҷандӣ садо медиҳанд:

-- Курсои якум бурафт, шумо ҳанӯз ҳам хоб!..

Исқоти «р» бачаҳоро хушҳол мекард ва ҳама бо ҳазлу шӯхӣ аз хоб мехестанд.

## 35 – «Агар хоре халад!..»

Дар ҳамон соли дуввуми хониш, мавсими пахтачинӣ, дар ҷамъбандии даҳрӯзаи донишкадаи мо пирӯз шуд ва ҷоиза дарёфт кард. Ба ин муносибат шаби хурсандӣ ороста шуд: хӯроки нағз, мусиқӣ, суруд, рақс...

Дар бинои мактабе, ки иқомат доштем, физикҳо низ буданд. Миёни онҳо ва чанде аз бачаҳои мо гапе гурехт. Аз тарафи бачаҳои мо Азиз ҳам буд.

Донишҷӯи физикро Темур Каримов аз гиребонаш кашолакунон ба хонаи хоби мо овард (ман он ҷо китоб мехондам) ва гиребонро раҳо карду гуфт:

-- Ӯй бача! Агар хоре ба пои як доништ-ҷӯи ман халад, худам мекушамат, дар даруни ҳамин печка ҷоят мекунам ва рафта ҷавобатро ҳам медиҳам! Гумон накун, ки ин Темур Карим декан асту дотсент аст, ман пеш аз ҳама калони авбошони Хуҷандам, фаҳмидӣ?..

## 36 – «Чотта сет ҳай!»

Синфхона будем. Кадом дарсе ҳам сар шуда буд, ки устод Темур Карим даромаданд ва ҷаласаи мухтасару хуш барпо карданд.

Пурсиданд:

-- Ким стипендия намегирад?

Чанд нафар даст бардоштанд. Устод аз ҳар яке мепурсиданд:

-- Чандто сет ҳай?

Донишҷӯе мегуфт, ки: якто «се» дорам, дуто. Ва устод аз синф мепурсиданд:

-- Бачаҳо! Ба фалонӣ стипендия дода шавад? Ё на?

Табиӣ аст, ки бачаҳо ҳама ҷонибдорӣ мекарданд, ва устод ҳам мефармуданд:

-- Рав, семоҳа стипендияатро гир!

Дар охир Саидаҳмад, печида-печида (вай қомати баланде дошт) аз ҷой хест.

Устод пурсиданд:

-- Шоев, чандто сет ҳай?

Шоев:

-- Муаллимҷон, дуто «се» дорам.

Устод:

-- Рӯт сиёҳ! Дурӯғ мегӯӣ! Чотта сет ҳай!

Шоев:

-- Хай, аку, маълимҷон, ҳамита шид...

Устод:

-- Бачаҳо, ба Шоев стипендия дода шавад?

Синф, бо як овоз:

-- Дода шавад! Дода шавад!..

Устод:

-- Рав, семоҳа стипендияатро гир!

Дар донишкадаи мо бахши забон ва адабиёти русӣ ҳам буд. Онҳо дар пахтачинӣ ва баъзе аз корҳои дигари донишгоҳӣ фаъол набуданд. Дар додани стипендияи давлатӣ ин фаъолиятро ба назар мегирифтанд. Ҳамчунин, аз рӯи тартиб, ба холи «се» низ стипендия до-да намешуд. Ва аммо райиси донишкада бо дархости аҳли синф метавонист кӯмакхарҷиро эҳдо кунад ва ё қатъ намояд. Ва он солҳо, ки раҳматӣ Темур Каримов сарвари донишкада буданд, бачаҳои мо аз ҳисоби бахши русӣ аз идрор бештар бархурдор мешуданд.

## 37 – «Вақташ қимат аст!»

Райиси Донишгоҳ, академик Солеҳ Раҷабов (1912-1990), инсони поку дилсӯз буданд.

Соли якум аз донишпажӯҳӣ. Мусофирати илмӣ ба Тошканд дорам. Бояд нусхаҳои хаттии институти Ховаршиносии Берунӣро бинам, ки дар бораи саҷъ чӣ навиштаанд.

Сардори бахши кадри Донишгоҳ, сарҳанги бознишаста Бухтояров, пешнависи ҳукмро омода карду ба дастам дод, ки назди райиси Донишгоҳ барои имзо бибарам.

Устод Раҷабов лоиҳаро гирифтанду нигоҳ карданду гуфтанд:

-- «Бо қатор» гуфтаанд, чаро бо ҳавопаймо не?

Гуфтам:

-- Қатор арзонтар будааст.

Раиси Донишгоҳ коғаз дар даст берун шуданд. Ман ҳам аз дунбол. Дафтари Бухтояров омаданд:

-- Бо қатор навиштед?

Вай:

-- Ҷавон аст, тамошо кунад.

Раис:

-- Бо ҳавопаймо нависед, донишпажӯҳ аст, вақташ кам аст, ҳар рӯзаш ҳисоб дорад...

Бухтояров ночор ҳукмро ислоҳ кард ва ман ба Тошканд бо парвоз рафтам.

## 38 – «Хонаву ҷой намедиҳад!»

Соли 1962. Дафтари раёсати Донишгоҳ. Тақсимоти хатмкунандагон.

Ҳамаи калонҳои Донишгоҳ ва донишкада ҳузур доранд. Раёсати ҷаласа дар дасти раиси Донишгоҳ аст.

Хатмкунандагон якояк ворид мешаванд, вақте берун меоянд, мегӯянд, ки: «ба Ғарм», «Фархор», «ба «Тоҷикистони Советӣ»...

Номи маро гирифтанд. Даромадам.

Устод Раҷабов гуфтанд:

-- Мо шуморо дар Донишгоҳ монондани, чӣ мегуед?

Ин пешниҳод бароям ғайриинтизорӣ буд ва аз ин сабаб лаҳзае дасту по хӯрдам. Ва дар ҳамин фурсат раҳматӣ Порги Сафаров, ки раиси кумитаи комсомолии Донишгоҳ буд, гуфт:

-- Ин масъаларо ҳам дар назар дошта бошед, ки Донишгоҳ хонаву ҷой намедиҳад.

Ман ҳанӯз ҳам лаб накушода будам. Мавзӯи манзил дарвоқеъ сангин буд. Аз сӯи дигар, аз алами сомеъӣ орзуе дар дилам хона монда буд, ки қусури рафтаро ҷуброн кунам...

Устод Раҷабов, ки ҳанӯз дида ба ман доштанд, гуфтанд:

-- Боке нест, ҷавон аст, ҳар масъаларо метавонад ҳал кунад.

Танҳо ҳамин як вожаро ба забон овардам:

-- Раҳмат...

## 39 – «Араqи рӯи дастурхон»

Соли якуми донишпажӯҳӣ. Пахтачинӣ. Қубодиён. Дар чойхонаи «Ҳаваскор» манзил дорем. Гурӯҳи мо бузург нест: даҳ-дувоздаҳ нафарем (Порги Сафаров, Мурод Ҷанобилов, Музаффар Эшонов, Баҳром Ҳомидов, Мурод Худоиев, Шарифҷон Тағойназаров, Аҳмад Парпиев, Владимир Чекатунов, Натан Юха-нонов ва ...

Рӯзе, пас аз кор, шом меҳӯрлем, ки хабар доданд: устод Раҷабов меоянд!

Ду-се нафар аз бачаҳо, «барои рафъи чангу ғубор» андак-андак арақ истеъмол мекарданд. Саросема шишаро пинҳон карданд ва аммо истакон бо каме арақ, дар пеши Чекатунов мондааст.

Устод ҳам бетакаллуф омаданд, сари дастурхон нишастанд, пораи нон ҳам хӯрданд, чой нӯшиданд. Ва аммо ҳеҷ ошкор накарданд, ки аз беодобии мо пай бурда бошанд.

Суҳбатҳое карданд, суханҳое гуфтанд; бештар аз тавсеаи Донишгоҳ. Хабар доданд, дар садади он ҳастанд, ки дар Донишгоҳ бахшҳои ҳиндӣ ва пушту боз шаванд. (Дарвоқеъ, чанде нагузашт, ки ин шуъбаҳо боз шуданд).

## 40 – «Садумин донишпажӯҳи Донишгоҳ»

Давраи аспирантӣ то поёни ноябри соли 1966 имтидод дошт. Диссертатсия ним сол зудтар ба поён расид, баррасӣ ва ба дифоъ тавсия шуд, фишурдаи кор дар 10 октябр чопу интишор ёфт. Метавонистам пас аз як моҳ поённомаро дифоъ кунам.

Ва аммо маросими дифоъ ташкил наёфт. Шӯрои дифоъ муттаҳида буд. Яъне кулли улуми инсонӣ дар як ҷо ва раиси Донишгоҳ раёсати шӯроро бар ӯҳда доштанд. Устод Раҷабов, ангор, мехостанд, ки устод Табаров гардан хам кунанд, аммо ин кор аз дасти эшон намеомад.

Маросими дифоъ бо таъхири зиёд, дар севвуми марти соли 1967 барпо шуд. Ва раиси шӯро, устод Раҷабов суханро ин тавр оғоз карданд:

-- Имрӯз садумин аспиранти Донишгоҳ, ки тиссертатсияро дар мӯҳлат анҷом додааст, дифоъ мекунад...

## 41 – «Дар бозори чакка»

Рӯзе дар бозори «Шоҳмансур», ҳамроҳ бо падараруҫам Нормурод Раҳмонов, мехостем чакка бихарем. Назарам ба касе афтод, ки пешопеши мо мерафт ва чакка интихоб мекард, ҳатто бо ангушти хурд лесида медид. Аз пушти сару китфон ба устод Раҷабов монанд буд. Дидам, ки эшон ҳастанд. Худамро пас кашидам, устод дуртар рафтанд. Оҳиста ба падарарӯсам гуфтам, ки академик Солеҳ Раҷабов, раиси Донишгоҳи мо.

Падарарӯсам пас аз мушоҳида ва мулоҳиза гуфтанд:

-- Одами дуруст будаанд. Одамони дуруст бозору рӯзгорашонро худашон мекунанд ва ба харидашон зеҳн мемонанд, таваккал харид намекунанд...

## 42 – «Имтиҳони нахуст»

Имтиҳони нахустин дар Донишгоҳ аз таърихи ҳизби камунист буд.

Ба ин андеша, ки номам дар рӯйхати имтиҳон набуд ва пас аз ҳама хоҳам супурд, дар хобгоҳ мондам.

Дар соати аввал аз имтиҳон, касе аз ҳам-дарсон бошитоб омаду хабар овард, ки: «Му-аллима талаб доранд, зуд бирав!»

Аз хобгоҳ (Айнӣ 37) то ҷои имтиҳон -- бинои марказӣ (ҳоло: хиёбони Рудакӣ 17) шитофтам. Пушти дар ҳозир шудам.

Доктор Хосиятбону Бобоева маро аз дар диданд ва ишорат карданд, ки ворид шавам. Даромадам.

Муаллима имтиҳонро барои лаҳзае қатъ карданд ва баланд гуфтанд, чунон ки дар берун ҳам шуниданд:

-- Шумо, Мусулмонқулов, дар семинарҳо нағз ширкат мекардед. Ман бе имтиҳон ба шумо баҳои «панҷ» гузоштам. Ҳар вақте дафтарчаи имтиҳонӣ доданд, биёред, баҳоятонро мегузаронам!

(Иттифоқи ғарибе баъдан ошкор шуд. Пас аз хатми Донишгоҳ издивоҷ кардам. Бо як духтари қубодиёнӣ. Хушдоманам Мақсадбону Ҳакимова аз ман пурсиданд, ки оё муаллимае бо номи «Хосият Бобоева» дар Донишгоҳ ҳаст? Гуфтам, ки ҳастанд. Ва аз илтифоташон

нақл кардам. Маълум шуд, ки дар поёни солҳои сиюм гурӯҳе аз духтарони хуҷандиро ба Душанбе овардаанд ва ба навоҳӣ, барои омӯзгорӣ равон кардаанд. Сарнавишт хушдомани моро дар Қубодиён нигоҳ доштааст ва хонум Хосият Бобоеваро ба Донишгоҳи Давлатӣ бурдааст. Хушдомани мо дар 4 январи соли 1996 даргузаштанд ва барои ҳамеша дар Қубодиён монданд. -- Гӯрашон пурнур бод!)

## 43 – «Бандӣ»

Соли якуми хониш.

Дарси забони русӣ. Муаллимаамон шодравон, дотсент Неменова. (мегуфтанд, ки Пайрав Сулаймонӣ шефтаи ин бону будааст).

Аз ҳама супориш мепурсанд, аз ман намепурсанд. Ба ҳама вазифа медиҳанд, ба ман намедиҳанд. Муддате ба ин ривол гузашт. Алам рӯз аз рӯз афзун мегашт. Рӯзе кафидам:

-- Магар, бандиам, ки аз ман намепурсед?

Устод:

-- Дарвоқеъ, чаро аз шумо намепурсам? Шумо кистед?

Номамро гуфтам. Устод ба дафтарашон чашм давонданд ва номамро наёфтанд. Сардор тавзеҳ дод:

-- Шунавандаи ихтиёрӣ аст, номаш дар дафтари синф ҳам нест.

Устод аввал таааҷҷуб карданд, пас узр оварданду номамро дар дафтарашон навиштанд. Ва аз он пас ба ман таваҷҷӯҳи зиёд карданд.

Худо раҳматашон кунад!

## 44 – «Нони ҳалол»

Соли 1956 Хрушев дар кунгураи бистуми ҳизби камунист асрори фоҷиаҳои асосии шӯравиро ифшо кард ва ҳамаро ба исми Сталин баст (ва «тасфияи сталинӣ» имрӯз хеле маъруф аст).

Солҳои донишҷӯии мо гармтарин баҳс, гирди номи Сталин буд. Мо ҳама, бидуни истисно, дӯсташ медоштем ва айбҳое, ки дар ҳаққаш мегуфтанд, қабул надоштем. Ва далели мо рӯи мантиқ буд:

Агар Сталин ин ҳама кӯтоҳӣ кардааст, ба ин ҳама террор роҳ додааст, дигарон куҷо буданд? Ҳизб куҷо буд? Чаро пеши роҳашро

нагирифтанд? Худи ҳамин Хрушев чаро он замон ба даҳон об гирифта буд?..

Кори устодони таърихи ҳизби камунист сангин буд. Пеши ҳамлаи донишҷӯён намета-вонистанд тоб оваранд. Душвортарин суол ин буд, ки чаро ҳизб натавонист муқобилат ку-над, ислоҳ кунад – дар ҳоле, ки ҳизби каму-нистро роҳбару роҳнамову тавоно мегуф-танд...

Дами моро танҳо устод Эркаев фурӯ бас-танд. Пас аз эътирозҳои фаровони мо гуфтанд:

-- Шумо мехонед ва идрор мегиред ва нон мехӯред. Агар бад хонед, идрор намедиҳанд... Ман ҳам дарс медиҳам ва аз пушти ҳамин дарсам нон мехӯрам. Нони ман дар он сурат ҳалол мешавад, ки фармудаашонро бигӯям, агар акси фармударо гӯям, нонам ҳаром аст ва ман намехоҳам нони ҳаром хӯрам...

Барои дарки комили он ҳама даҳшат гузашти замон лозим будааст.

## 45 – «Дар Сайроб»

Тобистон буд. Аз зиёрати Самарқанд бар-мегаштем. Бо мошин.

Аз кӯҳ нишеб мешудем, ки ба ҷое раси-дем, гӯё боғале аз биҳишт буд: обе зулолу ға-залхон равон, чанороне чун сутуни осмон, чойхонаву ошхонаи поку покиза, кабобу дуди кабоб, одамони босафо...

Ду навҷавон, дар канори роҳ, рӯи харсан-ге саворанд ва пойҳояшон овезон, дар гуфтугӯ.

Наздик шудам. Салом доданд. Алейк ги-рифтаму пурсидам:

-- Ин ҷо куҷост?

Он ки калонтар буд:

-- Сайроб!

-- Худи Сайроб?

-- Не, поёнаш, Сайроб дар боло.

Ман ситоиши Сайробро шунида будам. Ба дил гуфтам: «Агар поёнаш ин аст, болояш чун бошад?!»

Пурсупос идома ёфт:

-- Ин роҳ куҷо мебарад?

-- Ба Душанбе!

-- Душанбе куҷост?

-- Душанбе Тоҷикистон аст!

-- Аз Душанбе ва Тоҷикистон ягон касро мешиносӣ?

-- Мешиносам.

-- Киро?

-- Муллоҷон Эркаевро!

Дар дарун шод шудам, ки устоди моро дар зодгоҳашон ҳатто навҷавонон, ки шояд ҳам надидаанд, мешиносанду дӯст медоранд ва бо вуҷудашон ифтихор мекунанд.

Гуфтам:

-- Пас аз мактаб, хондани Душанбе меравед?

Ҳар ду баробар:

-- Меравем!

## 46 – "Истиҳола"

Соли дуввуми донишпажӯҳӣ.

Устод Тоҷиев, ки раҳбари ҳизбиро дар донишкада бар ӯҳда доштанд, рӯзе гуфтанд:

-- Раҳим, ту бачаи худамон ҳастӣ, нағз хондӣ, акнун аспирантӣ, корат, аз рӯи шунидам, нағз пеш меравад, дархост кун, туро ба сафи ҳизб қабул мекунем. Тавсияномае аз устод Табаров гиру боз аз ягон каси дигар...

Илтифот бароям ғайричашмдошт буд. "Хуб" гуфтам.

Хеле андешидам. Ба устод Табаров ҳам гуфтам. Об надоданд. Рамуз гирифтам, ки ба анҷоми кор дар сари вақт шубҳа доранд. Рос-таш, ба муваффақияти кор худам чандон бо-вар надоштам.

Аз рӯи тасаввури мо, дар он замон, дар ҳизби камунист касе бояд шомил гардад, ки муваффақу комилу солиму пок бошад. Ва аммо банда ба ин меъёрҳо наметавонистам посухгӯ бошам.

Устод Тоҷиев пешниҳодро такрор карданд. Ман аз Нозирҷон маслиҳат пурсидам. Гуфтанд:

-- Ин корро накунед, бо кори худатон машғул шавед, мо гирифтор шудем, бас аст...

Ба ёдрасонии дигарбораи устод Тоҷиев гуфтам:

-- Ташаккур устод, диссертатсия бароям имтиҳон аст, дар вақташ анҷом шавад, дуруст дифоъ карда тавонам, баъд ариза менависам.

(Сипос аз сарнавиштсоз ва Нозирҷон, ки аз гирифторӣ дар канор нигоҳ доштаанд).

## 47 – "Эргаш себ овард"

Эргаш, ки омӯзгори Ғарм рафта буд, ба бозори "Шоҳмансур" себ овард.

Устод Тоҷиевро гуфтам, ки Эргаш салом мерасонад.

Устод хурсанд шуданду ба андеша рафтанду пас гуфтанд:

-- Истеъдоди забоншиносӣ дошт, поённомааш хуб буд. Чӣ мегӯӣ агар вайро биёрем?

Гуфтам, ки:

-- Бисёр хуб мешуд.

-- Оварда метавонӣ?

-- Зӯр мезанам, шояд тавонам...

Аммо Эргаш ба осонӣ мувофиқат накард: вай дар Ғарм хонаву ҷой дошт, боғ дошт, кори хубу обрӯй дошт... Аммо Донишгоҳ на ҳуқуқи кофӣ на манзил...

Ман ҳам домани таблиғро раҳо накардам. Саранҷом омад. Дар зери сояи устод Тоҷиев диссертатсияи хуб навишт. Ва акнун дотсент Шоҳзода яке аз забоншиносони хуби Тоҷикистон ба шумор меояд.

## 48 – "Бача, наҷот ёфтӣ!"

Соли 1971.

Хабар доданд, ки райиси китобхонаи илмии Донишгоҳ оқои Ровил Бектемиров суроғ дорад ва бояд фаврӣ ҳозир шавам. Вай яке аз шахсиятҳои муҳиму сиёсатдори Донишгоҳ буд. (Мисле ки ғайр аз раёсати китобхона, кадом вазифаи дигар ҳам дошт).

Ҳозир шудам. Оташин буд. Намедонам, тотор буд ё бошқирд, тоҷикиро шикаста мегуфт, русиро авло медонист. Пурсид:

-- Чаро ба Эрон китоб равон кардӣ?

-- Ман китоб равон накардаам.

-- Агар равон накардӣ, чи тавр тақриз чоп шуд?

-- Кадом тақриз?

Маҷаллаи "Сухан"-ро сӯям тела дод. Нигоҳ кардам: "Мутолиоти Эронӣ" навиштаи доктор Парвиз Нотили Хонларӣ. Аз ҷумла китоби банда "Саҷъ ва сайри таърихии он дар насри тоҷик"-ро кӯтоҳ муаррифӣ кардаанд. Ман хурсанд шудам, мудири китобхона оташинтар шуд.

-- Ба нағзи бигӯй: китобро ба кӣ ва чи тавр равон кардӣ? Нагӯй, оқибаташ хуб намешавад.

-- Аввал ин, ки ман ба Эрон китоб равон накардаам, сонӣ ин, ки китоб чоп шудааст, бо иҷозат чоп шудааст ва ҳар кас метавонад равон карда бошад...

Райис суханамро бурид:

-- Ту медонӣ, ки Эрон кишвари буржуазӣ, подшоҳӣ, ҷонибдори Омрико.

-- Аммо ман ба устод Хонлари эъти-қод дорам, меҳмони Донишгоҳи мо буданд, агар душман бошанд, чаро унвони ифтихории доктириро доданд ва барои мо дарсе ҳам хондаанд?..

Қисса кӯтоҳ, маро гунаҳкор кард.

На шаб хоб доштам ва на рӯз роҳат. КГБ шухӣ надорад. То ин, ки рӯзе шодравон Моёншоҳ Назаршоев, муовини илмии райиси Донишгоҳ, гуфтанд:

-- Бача, наҷот ёфтӣ! Хайрият, камунист набудӣ! Агар будӣ, наҷот надоштӣ!

Раҳматӣ Назаршоев (ки дар соли 1994 ба шаҳодат расиданд) устоде буданд, ки ҳар кас метавонист озодона изҳори ақида кунад ва ман ҳам гуфтам:

-- Агар як олим аз берун ба китобе, ки чопу нашр шудааст, тақриз навишта бошад, гуноҳи ман чист?

Устод табассуме карданд ва посухи рӯшан надоданд:

-- Гуноҳ дорӣ, надорӣ -- муҳим чест, лозим бошад, гуноҳ пайдо мешавад. Наҷот ёфтӣ, шукр куну дунболаш нагард!..

## 49 – “Моҷарои дигар”

Моҷарои “Сухан” кам набуд, ки “Архив ориенталний” моҷарои дигар овард.

Поёни соли 1974 ва ибтидои 1975 ба муддати чаҳор моҳ дар Маскав будам, коромӯзӣ дар ҳузури кафедраи назарияи адабиёти Донишгоҳи Давлатии Маскав.

Он замон бо маслиҳати шодравон Бобоҷон Ғафуров – давлатмарди некном ва донишманди фарзонаи тоҷик – ки раёсати Институти Ховаршиносии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравиро бар ӯҳда доштанд, бо таҳияи матни “Бадоеъ-

ул-афкор фӣ саноеъ ул-ашъор"[1], навиштаи Камолиддин Ҳусайн Воизи Кошифӣ, машғул будам ва муносиб дониста шуд, гузорише дар бораи ин китоб ва муаллифи он ба маҷаллаи "Архив ориенталний" равон кунам, ки он дар Прага ба забонҳои русӣ, инглисӣ ва олмонӣ чопу мунташир мешуд.

Пас аз чанд моҳ, дар Душанбе дарди сарам доданд.

Маълум шуд, ки мақоларо верос-торӣ ва ҳуруфчинӣ карда, ҳамроҳ бо номаи устоди бузургвор, доктор Иржи Бечка ба Ду-шанбе равон кардаанд, то қабл аз чоп дида бошам.

Даъватам карданд ва пурсиданд:

-- Чаро ва чи тавр мақола ба хориҷ равон кардӣ?

-- Мақола илмӣ аст, аз замони пешин; аз Маскав равон кардам.

-- Чаро бидуни рухсат равон кардӣ?

-- Ин тартиботро намедонистам.

Рӯшан аст, ки "намедонам" посух нест...

Мақоларо ҳамон идора бурданд, чизи хилоф пайдо накарданд. Доданд, ки метавонам равон кунам. Равон кардам (ва он чоп шуд).

Ва аммо аз банда забонхат гирифтанд, ки дигар ҳаргиз бо ҳеҷ гуна фарди хориҷӣ дидор ва суҳбат нахоҳам кард. Ин таҳқир то мағзи устухонам нишастааст. То ҳанӯз. (Дилам хеле мехоҳад, ки он забонхатро рӯзе КГБ баргар-донад).

## 50 – "Забон ёд медод"

Устод Асрорӣ пеш аз таҷрибаи муаллимӣ, аз усули таълим дарс медоданд.

Зимни дарс, аз таҷрибаи соли пешин мисол оварданд, бо ин таъкид, ки монандашро роҳ надиҳем.

Духтаре, аз синфи даҳум, дар адабиёт бад набуд ва аммо забонаш суст буд. Як донишҷӯи нағзхонро вазифадор кардам, ки дар ҳалли мавзӯъҳои забон ба вай ёрӣ диҳад. Пас аз чанд рӯз дар зери дарахте дидам, ки забон ёд медиҳад...

---

[1] Ин китоб соли 1977 дар Маскав чоп шуд ва доктор Ҷалолиддини Каззозӣ соли 1369 дар Теҳрон таҷдиди чоп карданд.

## 51 – «Декан ҷанг мекунанд!»

Устоде доштем бо номи Маъруф Содиқов. Ду бор рисолаи докторӣ дифоъ карданд, напазируфтанд, бори севвум дифоъ карданд, пазируфта шуд.

Раҳматӣ аз таърихи ҳизби камунист дарс медоданд. Дарс ку дарс, имтиҳонашон бағоят ҷолиб буд: осон мепурсиданд ва баҳои ба-ланд мемонданд. Ва аммо сардори гурӯҳ ва як ду нафари хубхон, одатан пас аз ҳама им-тиҳон месупоранд ва устод ба ҳаминҳо «ду» мегузоштанд.

Ва устод «далел» ҳам доштанд:

-- Ба ҳама «чор»-у «панҷ» монам, декан маро ҷанг мекунанд! Бояд, ки яктову дуто «ду» ҳам бошад!

## 52 – «Дар дафтарат набуд?»

Устоде доштем, бо номи Яков Гордон. Аз адабиёти хориҷӣ дарс медоданд. Ин устод ба андозае меҳрубон буданд, ки назир надошт.

Бачаҳо мепурсиданд, ки «рӯзи коргар ҳаст», «рӯзи муаллим ҳаст», «рӯзи маллоҳ ҳаст»... Ҳама «рӯз» (яъне ид) доранд, чаро «рӯзи донишҷӯ» нест? Устод мегуфтанд, ки: аз як давраи имтиҳонот то давраи дигар, «рӯ-зи донишҷӯ» аст, ин ҳама муддат донишҷӯӣ ид дорад.

Имтиҳони устод Гордон осонтарин буд: чеҳраашонро бо рӯзнома мепӯшиданд – гӯё мутолиа мекарданд – ва донишҷӯ роҳат дафта-рашро мехонд ва посухи суолҳоро ёддошт ме-кард. Ва навиштаашро мехонд ва ба таҳсину баҳои баланди устод сазовор мешуд.

Гоҳе пеш меомад, ки донишҷӯ посухи су-олҳояшро аз дафтараш пайдо намекард ва ночор мемонд. Дар ин ҳол, донишҷӯи дигар ба имдодаш мерасад ва аммо гоҳи дигар ин им-дод ҳам насиб намекунад ва шогирд бо дасту даҳони холӣ руёрӯи устод менишинад.

Дар чунин ҳоли нодиру ногувор устод дилсӯзӣ мекард:

-- Мутаассифам, ки посух дар дафтаратон набудааст...

## 53 – «Космополит»

Муаллиме ба синфхона ворид шуду аз «Коммунизми илмӣ» дарс сар кард. Ба забони русӣ.

Барои мо ғайричашмдошт буд: мо ҳама тоҷикем ва устод ҳам тоҷик аст, аммо ба забони русӣ дарс мегӯяд.

Касе эътироз кард, дигарон ҳамроҳ шуданд.

Муаллим хомӯш монд. Бачаҳо низ, ба интизорӣ идомаи дарс ба тоҷикӣ ва ё тавзеҳе, сокит шуданд.

Аммо муаллим, чун дид синф ором гирифт, бо қиёфаи бетафовут ва бе ҳеч тавзеҳе, суханро дубора ба русӣ аз сар гирифт.

Ин бор тамоми синф ғавғо бардошт. Касе «космополит» ҳам гуфт.

Муаллим ночор коғазҳояшро ҷамъ карду рафт.

Пас аз чанд дақиқа, устод Неъматзода, райиси донишкада аз пеш ва ҳамон муаллими русизабон аз дунбол ворид шуданд.

Устод Неъматзода барои шӯриш бачаҳоро сарзаниш накарданд (ҳарчанд ин имкон дошт), балки кӯтоҳ гуфтанд:

-- Муаллим ӯзбак ҳастанд ва тоҷикиро ҳа-нӯз нағз намедонанд. Оянда ба тоҷикӣ дарс хоҳанд гуфт. Ҳоло ба русӣ гӯш кунед, айб надорад.

Мо гумон доштем, ки муаллим тоҷиканд ва монанди баъзеҳо намехоҳанд ба забони модарии худ сӯҳбат кунанд. Чун ошкор шуд ҳақиқат дигар будааст, синф пазируфт, ки дарсро идома диҳанд.

Декан рафтанд. Муаллим сӯҳбатро идома дод. Аммо то поёни дарс. Дарси дигар муаллими дигар омад.

Пас аз чанде он муаллимро дар фурӯшгоҳ дидам. Мудир буданд.

## 54 – «Бӯалӣ тафсиргару бас!»

Дотсент Онушенко аз таърихи фалсафа дарс сар кард. Аз Юнони бостон ва Урупо. Аммо аз Ховару Эрон чизе намегуфт. Бачаҳо Ховарро донистан мехостанд. Хотиррасон мекарданд, аммо посухе рӯшан намегирифтанд.

Бачаҳо тундтар хотиррасон карданд. Ва муаллим посухи рӯшан, аммо назарногирона дод:

-- Ховар фалсафаи худро надорад, як Абӯалӣ Синоро дорад, ки тафсиргари баъзе ақидаҳои донишмандони Юнони қадим асту бас.

Бачаҳо ба шӯр омаданд. Муаллим нороҳат шуд, аммо таслим шудан намехост.

Нороҳатии бачаҳо коргар омад: муаллимро дигар карданд -- бону дотсент Фирӯза Турсунзода, духтари гиромии равоншод устод Мирзо Турсунзода (ки эҳтиромаш барои ҳар як тоҷик воҷиб аст) дарсро идома доданд.

Бачаҳо беандоза шод буданд: ҳам аз пирӯзӣ, ҳам аз ин, ки дарсро ба забони худашон мешуниданд.

## 55 – «На он Салмон ва на ин Салмон»

Нозирҷон аз «Ҳабсиёт»-и Масъуди Саъди Салмон рисолаи дипломии хубе навишт. Ашъори шоири зиндонӣ дар мағзу устухонамон таъсир дошт.

Хостем гузидае ба хатти сирилии тоҷикӣ омода кунем ва барои чоп супорем, то оммаи хонандаи тоҷик бебаҳра намонад. Устод Ҳусайнзода ҳам писандиданд.

Дар «Ганҷинаи Ҷомӣ» нусхае аз чопи Теҳрон мавҷуд буд. Ва мо ду нафар ба кор оғоз кардем.

Вақте миқдоре аз шеърҳо гузида ва баргардонда шуданд, устод Неъматзода аз кори мо огоҳӣ ёфтанд ва гуфтанд:

-- Мавзӯи кори доктории ман аз рӯзгор ва осори Масъуди Салмон аст, шумо аз ин кор даст кашед. Ман девони Салмони Соваҷиро дар ихтиёри шумо мегузорам, аз вай гузида омода кунед.

Ночор аз кор даст кашидем.

Ҳанӯз дар ҳасрати онем, ки хонандаи тоҷик акнун ҳам аз шеъри сӯзони Масъуди Саъди Салмон бебаҳра аст, ҳамон шеъре, ки боиси зинда мондани шоир шудааст.

## 56 – «Хиҷолати тӯлонӣ»

Пас аз хатми Донишгоҳ, устод Неъматзода, райиси донишкада гуфтанд:

-- Як моҳ таътил доред, пас аз як моҳ биёед.

Хона рафтам ва пас аз як моҳ баргаштам.

Гирду атрофи донишкада (дар поёни бозори Шоҳмансур воқеъ буд) пур аз одам, имкони вуруд ба донишкада нест: имтиҳони қабул ба Донишгоҳ ҷараён дорад.

Кӯшишҳо бенатиҷа буданд: касе маро намешинохт, гумон мекарданд, ки барои «восита» омадаам. Дар сухани ман: «Ҳамин ҷо кор мекунам», механдиданд ва гузарнома (пропуск) талаб мекарданд.

Қисса кӯтоҳ, пас аз анҷоми имти-ҳонот дар донишкада ҳозир шудам. Коре ҳам, ки набуд. Гоҳе ҳам меомадам ва гоҳи дигар намеомадам.

Барои ҳуқуқ ҳисобдорӣ рафтам. Гуфтанд, ки аз моҳи июл ба кор таъин шудаам ва 83 сӯм маош дорам ва барои дарёфт бояд, ки барг (лист) аз раёсати донишкада таҳия намоям.

Матлабро ба ҳузури устод Неъматзода расондам. Фармуданд:

-- Шумо дар июл кор накардед, ман ҳақ надорам, ки бароятон маош нависам.

Посухро ба ҳисобдор гуфтам. Тааҷҷуб кар-данд: «Ёвар ҳастед ва ёварӣ ҳангоми дарсҳо лозим мешавад, дар июл, ки дарс набуд, барги (листи) донишкада як амри расмӣ аст...»

Мавзӯъро дубора ҳузури устод Неъматзода арз намудам. Ҷаро ки тоза издивоҷ кардаам ва бо хонум шаҳр омадаему дар иҷора зиндагӣ дорем ва ниёз ба пул ҳаст.

Ва аммо устод ҳамон посухи пешинро такрор карданд. Сахт хиҷолат кашидам. Ҳанӯз ки ҳанӯз бо устод рӯ ба рӯ шавам, ҳастиамро хиҷолат фаро мегирад: ман кор нокарда, музд хостам!

## 57 – «Пойандоз»

Раҳматӣ Ҷононов борҳо ин орзуро такрор мекард:

-- Вақте Донишгоҳро тамом кардам ва рафта муаллим шудам, аз мактаб то Донишгоҳ пойандоз меандозам ва устодон Ҳусайнзодаву Табарову Тоҷиевро ба мактаб мебарам.

Дареғи орзу, ки дар ҳоли орзу бозмонд.

## 58 – «Кулоҳ, худаш намечинад-ку!»

Соли якуми хониш дар Донишгоҳ. Султонобод -- баландтарин нуқта дар Қубодиён. Мо пахта мечинем.

Ҳар шаб, пас аз хӯрок ҷаласа мешавад (ва дар ин ҷаласаҳо Ҷӯрабойро, ки пахта бисёр мечиданд, хоб мебурд). Ҷаласаҳо ду паҳлӯ доштанд – яке ситоиши бисёрчинҳо, дигаре -- маломати камчинҳо.

Аз ҷумлаи «қаҳрамонони» ҳа-мешагӣ яке Шоҳмузаффар буд. Вай кам мечинд. Маълум набуд, ки аз дунболи қофия аст ё пахта.

Муаллим Саид Исмоил, роҳбари гурӯҳ, ҳар чи мегуфт, коргар набуд, то ин ки рӯзе ин тавр сарзаниш кард:

-- Кулоҳ дар сар гузоштаасту пахта чиданашро бинед!

Дарвоқеъ, Шоҳмузаффар кулоҳи якрангаи мошӣ дошт ва он тақрибан ҳамеша рост буд.

Ёдгорӣ ин танбеҳро тоб наёварду гуфт:

-- Охӣ, муаллим, кулоҳ худаш намечинад-ку!

Худ дониста гуфт ва ё надониста, аммо бачаҳо фаҳмиданду ҳама хандиданд: сухан ду маънӣ дошт – муаллим ҳам кулоҳ доштанд, аммо пахта намечиданд.

## 59 – «Моҷарои гӯшт»

Ҳамон Султонобод.

Холмурод ва Марҳаматшоҳ аз як зарф хӯрок мехӯранд. Марҳаматшоҳ, ба ҳукми он, ки ҷавонтар буд, хӯрокро меовард ва бо ҳам мехӯрданд.

Раҳматӣ Марҳаматшоҳ шӯхиҳо дошт. Аз ҷумла, гӯштро дар берун мехӯрд ва худро ба нодонӣ мезад. Гоҳе мегуфт, ки имрӯз гӯшт набудааст, гоҳи дигар: ба мо нарасид...

Аммо Холмурод медид, ки хӯроки дигарон ҳамеша гӯшт дорад. Ва Марҳаматшоҳ баҳонаи дигар наёфту гуфт:

-- Холмуродҷон, намедонам, чи бало задааст, ки ҳамин Эргашев ба мову ту гӯшт намедиҳад.

Холмурод, аз таги гап бехабар, боз чанд рӯзи дигар тоб овард. Нашуд. Рӯзе кастурули дугӯшаро бардошту сари Ҳакимҷон рафт:

-- Шумо, Эргашев, барои чӣ ба мо ҳеҷ гӯшт намедиҳед? Чаро ҳаққи моро мехӯред?

Ҳакимҷон ҳам, ки асли воқеаро намедонист, таҳқир эҳсос карду фиғонаш то осмонҳо расид. Ҷумҷаро ҳаво доду рафт.

Вақте Марҳаматшоҳ ва дигарон хандиданд, Холмурод ҳам донист, ки ба ҷуволи Марҳаматшоҳ рафтааст.

## 60 – «Ҷаласа то дили шаб»

Соли дуввуми хониш. Ҳисор. Пах-тачинӣ.

Пахтазор. Мушоҳида кардем, ки яке аз духтаронамон аз паҳлӯи донишҷӯи синфи панҷум пахта мечинад. Зоҳиран суҳбат ҳам доранд.

Ин кор ба мо хеле ҳам сахт расид. Ғайрат туғён дошт.

Шаб, пас аз хӯроки шом ва ҷаласаи умумӣ, ҷаласаи хоссаи худамонро оростем, ки то дили шаб идома дошт.

Масъала ин буд, ки чаро духтари мо ҳамроҳ бо донишҷӯи дигар пахта мечинад?

Ҳарчанд вай мегуфт, ки мо нияте надоштем, ҳарфи баде ҳам набуд, фоида надошт, рафторашро ҳамагон қотеъона маҳкум карданд. Вай, худаш ҳам қавл дод, ки дигар ин корро намекунад.

Тамоми аҳли синф, чи духтар ва чи писар, дар сари номусу ғайрат ҳассосияти сӯзон доштанд.

Дар хушномӣ ва комёбии синфи мо, шояд ҳамин ҳассосият асар доштааст.

## 61 – «Ҳамин охиринаш, дигар нест!»

Бо раҳматӣ Бурҳон Ғаниев дар як ҳуҷра будем.

Ин тартиб риоят мешуд, ки пас аз дарсу хӯроки шом, дар қироатхона машғул мешудем ва пеш аз хоб, дар ҳуҷра, чанд дақиқа суҳбату ҳазлу шӯхӣ мекардем.

Гоҳе аз шабҳо, раҳматӣ Бурҳон ба зери каташ хам мешуд ва ба ҷомадонаш даст меёзиду як каф мағз берун оварда, рӯи миз мерехт ва ҳатман ин суханро такрор мекард:

-- Ин охиринаш, дигар умед накунед!

Ҳарчанд Бурҳон бо қиёфаи ҷиддӣ огоҳ мекард «дигар нест, тамом шуд», аммо то дами таътил, яъне мавриди рафта омаданаш

ба Масчо, як кафӣ, дар ҳар чанд шаб, мағз рӯи миз мегузошт.
Худо аз мағзи биҳишт ҷояш диҳад!

## 62 – Гуфт: «Мебахшам», набахшид!

Раҳмати Бурҳон Ғанӣ баёзи дастнависе дошт, нусхае, ки ном надошт ва дар асрҳои гузашта навишта шуда буд.

Ин мисраъҳоро дошт:

Эй зи ғамат дил ба ҷафо мубтало!
Бе ту ба сад гуна бало мубтало!
Сокини кӯи ту ба чанги рақиб
Чун саги хонаву гадо мубтало!

Баъдтар дидам, ки ин шеъри хоҷа Камоли Хуҷандӣ будааст.

Вақтҳое меёфтем ва мехондем. Гулчине аз шеърҳо буд.

Мехостам ин китоб моли ман бошад. Мулло Бурҳон ҳам маро умедвор мекард, ки:

-- Оббо, Раҳимҷоне, ҳамин китобро ба шумо мебахшам!..

То солҳои охир ҳам ин ваъдаро такрор мекард.

Аммо фариштаҳо «Омин!» нагуфта буда-анд, ки набахшид.

Худованди бузург ҳамаи гуноҳонашро бибахшад!

## 63 – «Бӯшка что-ли[1]?!»

Вилояти Қарағанда, ноҳияи «Обой», аз маркази совхоз ба шӯъбаи чаҳорум роҳ мепаймоем. Бо мошини болопӯшидаи боркаш. Роҳ хокӣ. Масофа чаҳор сад километр.

Роҳ баландиву нишебии зиёд дошт, яъне ки «бардору зан!» беҳисоб буд.

Ронанда ҳам саросема буд, то зудтар ба манзил бирасонад, аммо дашт бепоён буду манзил нопайдо.

Бачаҳо пӯла ва аз чангу ғубор дамгир шуда буданд.

Пас аз як бардору зани корӣ, ки бачаҳо як ду ваҷабӣ аз ҷой париданд, Бозор камини ронандаро кӯфт ва фарёд кашид:

-- Бӯшка что-ли? Осторожно езжай![2]

---

[1] магар?

Бачаҳо ҳам хандиданд, ҳам тақвияташ доданд.

## 64 – «Теппаҳои гандумӣ»

Моро дар ҷое қарор доданд, ки ҳама сӯяш гандумзори бепоён буд. Қароргоҳи мо ба киштие мемонд дар уқёнуси нопайдоканори тиллоӣ.

Аммо дар ҳамин наздикиҳо чанд теппаи мавзун ва сабз метобид ва ҷалби таваҷҷуҳ мекард: ҳам сабз буданд ва ҳам дар як радиф воқеъ гаштаанд. Теппаҳое ба балан-дии даҳ-ёздаҳ метр.

Кунҷковӣ моро назди он теппаҳо бурд, ба болояш баромадем. Ҳеҷ кадоме санге надорад, ҳама хокӣ ва шӯрапӯш. Вақте зеҳн мондему дидем, маълум шуд, ки теппаҳо хирмани гандум будаанд! Яъне солҳои пеш гандумро гирд овардаанд, пок кардаанд ва дар ҳоли хирман мондаанду рафтаанд.

Тааҷҷубу дилсӯзии мо поён надошт.

Аммо аҷибтар ин аст, ки мо низ ҳамин корро кардем: гандуми сафеди нозанинро ҷамъ кардему хирман задему баргаштем. Он чи бо мошинҳо кашонданду бурданд, хеле ҳам ночиз буд, он чи дар хирманҷой ҳайрон монда буд, кӯҳ буд...

Диламон реш буд, аммо коре аз дастамон намеомад. Корсозиро бояд ҳукуматдорон мекарданд.

(Пас аз панҷ сол дар саросари Шӯравӣ гуруснагӣ омад. Мо бо худ мегуфтем, ки уболи он гандумҳо гирифт).

## 65 – «Падарлаънат, горячий!»

Қазоқистон духтарон ҳам рафта буданд. Аз бахши забон ва адабиёти русӣ.

Ҷои хоби тоҷикон ва русҳо ҷудо-ҷудо буд, аммо ҳангоми хӯрок ҳама як ҷо ҷамъ мешудем.

Дили Муҳаммадулло ба Мила кашол буд. Ин парвона буду вай парво надошт. Ҳамеша таъқиб мекард, аммо бо чашм. Гоҳ-гоҳ чизҳое ҳам мегуфт, вале аз дур.

Боре, аз ҷои нишасташ парида хесту рафта, аз дасти Мила косаашро гирифт, то ҷои

---

[2] Мо магар бушка ҳастем? Оҳиста бирон!

нишасти вай бурда дод. Вақте баргашт, дар худаш набуд. Чун ба худаш баргашт, гуфт:

-- Дидам, ки аз косаи филизӣ дасташ сӯхт, ҳатто шунидам, ки «падарлаънат горячий» гуфт...

Бачаҳо баланд хандиданд: медонистанд, ки духтар ба тозагӣ аз Русия ома-дааст ва як калима ҳам тоҷикӣ намедонад.

Ширин боз кофт:

-- Вақте косаро расондӣ, чӣ гуфт?

Муҳаммадулло:

-- Ба усунуш[1] корут набоша!

## 66 – «Хунхор»

Маҳалли сукунати мо ҳеҷ сокини маҳаллӣ надошт. Ҷуз аз мо даҳ-дувоздаҳ нафар механизатор аз Русияи Сафед (Белоруссия) буданд, ки барои ҷамъоварии гандум омадаанд.

Совхоз барои мо дар як ҳафта як ҷавона медод. Ва онро дар бошгоҳ бачаҳо мекуштанд. Ҳангоми куштани ҷавона Николай ном ҷавони белорусӣ бо стакон дар даст ҳозир мешуд ва интизори задани маки ҷавона мешуд. Ҳамин ки макро заданду хун фаввора мешуд, Николай аз он хуни гарм мегирифт ва то се ливон менӯшид.

Николай роҳат мекарду дили мо ғаш.

## 48 – «Ҷанг»

Баъзе аз мардони белорусӣ ба духтарони мо чашм дӯхтанд. Ҳарчанд ин духтарон аз наҷоди онҳо буданд ва ҳеҷ яке бо ҷавонони мо муносибате надошт, аммо онҳо аз Тоҷикистони мо омада буданд, аз Донишгоҳ, ҳатто донишкадаи мо буданд. Ва ғайрат намегузошт, ки бегонае ба духтари мо нигоҳ кунад.

Белорусҳо сархуш буданд.

Бачаҳои мо низ тадорукоти ҷангро диданд -- бо чӯбу тасма ва санг мусаллаҳ шуданд. Пеши сафи майдон, Хуррам Раҳимов буд, аз синфи севвум.

Белорусҳо диданд, ки масъала ҷиддӣ аст, мастишон пароканда шуд ва майдонро тарк гуфтанд.

---

[1] он сӯяш.

Духтарон ҳам то дами бозгашт ғайрату эҳсосоти худро пос доштанд.

## 68 – «Эҳтироми Додхудоев»

Раҳматӣ Раҳим Додхудоев дар кадом Донишгоҳи низомӣ мехонда, ки онро таътил кардаанд ва ба Донишгоҳи мо барои идомаи таҳсил омада буд.

Бозгашти мо аз Қазоқистон тӯл кашид: моҳи август ба поён расид, сентябр оғоз шуда ва мо ҳанӯз дар Қазоқистон.

Роҳбари ситоди мо, сарҳанги бознишаста Бухтояров, коре аз дасташ сохта набуд.

Бачаҳо ба нишони эътироз корпартоӣ карданд. Донишҷӯи гурӯҳи таърих, ки номаш Додар буд, ташкилоте бо номи «Додар» бунёд ни-ҳод. Ин ташкилот таблиғ мекард ва ҳама ба ҳарфаш гӯш медод. Ҳама корҳо хобиданд.

Аз Тоҷикистон фаврӣ Додхудоев рафт. Вай ҳарчанд дар соли поёнӣ мехонд, аммо роҳбари кумитаи ҳизбии Донишгоҳро бар ӯҳда дошт.

Бачаҳо машварат карданд ва тасмим бар ин шуд, ки Додхудоев одами худист ва эҳтиромаш воҷиб, ҳарчи фармояд бояд иҷро кард.

Додхудоев низ бо ҳама муносибати хубе зоҳир кард. Интизори сарзаниш ва маломат мерафт, аммо вай нарму мулоим буд.

Муддате дигар бо вай мондем ва кор кардем. Ва 17 ноябр ба Тоҷикистон расидем.

(Дар соли дуввуми хониш, устоде аз Донишгоҳи Давлатии Санкт-Петербург омад: равоншод дотсент Сергей Николаевич Соколов, донишманди варзидаи забонҳои бостонии эронӣ. Ва ҳамин воҳид, яъне забонҳои бостонии эрониро барои нахустин бор дар синфи мо тадрис кард. Ва Раҳим Додхудоев, Рустам Ҷураев, ки ҳар ду ҳам дар синфи охир мехонданд дар дарсҳои устод Соколов иштирок мекарданд. Баъдан ҳар ду ҳам бо ҳамин ришта рафтанд. Бахусус Раҳим Додхудоев, дараҷаҳои номзадӣ ва докторӣ ва унвони профессорӣ ба даст овард ва чандин китоб аз таърихи забонҳои эронӣ ба чоп расонд).

## 69 – «Акси Мазҳабшоҳ»

Ин Мазҳабшоҳ, то ин ки Донишгоҳро хатм кунад ва диплом гирад, хелеҳоро, чи аз

муаллимон ва чи аз ҳамдарсон, сили дарун кардааст: ба дарсҳо намерафт. Дарс чи, ба имтиҳон намерафт!

Баҳсҳое мекард тунд; ва баъд, аз дарс меканд; ба ин гумон ки устод кина хоҳад гирифт.

Аммо хушбахтона, устодони мо хайрхоҳ буданд, на кинахоҳ. Зиёд рух медод, ки устод дар суроғи донишҷӯ мешуд. Аз ҷумла устод Табаров:

-- Ку ошнои мо, Муҳаббатшоев? Равед, биёредаш!..

Ин ки мегӯям: Мазҳабшоҳ ҳама банду қайду назм, ҳатто нафсро раҳо карда буд, ба таъбири баъзеҳо санад дорам: ва он акси дастҷамъии донишгоҳист.

Ҳама рафтанду акс гирифтанд. Ҳатто устодон. Ёд дорам, ки устод Ҳусайнзодаро Назирабону ва Нозирҷон ба коргоҳи аккосӣ бурда буданд.

Танҳо ин Мазҳабшоҳ аст, ки бо «имрӯз»-у «фардо» аккосӣ намеравад.

Ночор акси шогирдонаи солҳои пешинро аз албом канда ба аккосӣ додам, ки аз рӯи он таҳия кунанд.

Ва дар он акси дастҷамъии хатми даҳуми Донишгоҳи Давлатӣ Миллии Тоҷикистон танҳо Мазҳабшоҳ аст, ки ба афту андому рафтори вежа ва нотакрори худ аз ҳамагон ҷудо шуда истодааст!

## 70 – «Гунаҳкор Бобак!»

Соли панҷум мехондем.

Синфҳои поёниро пахтачинӣ бурданд ва моро набурданд. Аммо медонем, ки моро низ хоҳанд бурд. (Мавсими пахта дар Шӯравӣ, на танҳо аз аҳамияти ҷиддии иқтисодӣ, балки сиёсиву низомӣ бархурдор буд).

Моро ҳам бурданд. Ба ноҳияи Кофарниҳон. Барои як ҳафта.

Профессор Мансурхон Бобохонов, раиси донишкада, раҳбарамон буданд. Роҳбарии эшон бисёр хубу шоиста буд. Ба хотири одобу фарҳанги баландашон ҳамагон ҳурмат мекарданд.

Як ҳафта пахта чиндем. Моро барнагардонданд.

Ду ҳафта гузашт. Наёварданд.

Устод Бобохонов:

-- Ҳамин як ҳафтаи дигар ҳам чинем.

Ҳафтаи севвумро ҳам пахта чидем. Дастур аз боло барои бозгашт ҳанӯз ҳам нест.

Бачаҳо исён карданд. Устод Бобохонов гуфтанд, ки: Ман дигар ҳарфе надорам, ваъда як ҳафта буд, се ҳафта гузашт, ихтиёр дар дасти худи шумост.

Тасмим ин шуд, ки худамон баргардем. Асбобу анҷомро ҷамъ кардем. Аз хиёбон мошинеро киро кардем.

Бачаҳои риштаи таърихшиносӣ дар норизоӣ бо мо буданд ва аммо акнун истиҳола пеш гирифтанд. Аз ҳамдарсони мо танҳо як нафар: Бобак, худдорӣ намуд. Ҳарчанд исрор кардем, ҳамроҳ нашуд.

Дар маркази ноҳия мошини дигар мекофтем (барои расондан ба Душанбе), ки раҳбарони Донишгоҳ ва ноҳия расиданд, бо нармӣ ва маъзарат гуфтанд, ки баргардем, фардо худашон ба Душанбе мерасонанд.

Баргаштем. Пас аз як-ду рӯз ба Душанбе омадем.

Дар Донишгоҳ, аз раёсат пурсиданд, ки ташкилкунандаи исён кӣ буд?

Синф ташкили ҷаласа дод, тӯлонӣ. Ва на-тиҷа ин шуд, ки гунаҳкор Бобак Бексариев аст. Дар сурат-ҷаласа ҳамаи донишҷӯён имзо карданд. Бобак фиғон дошт, аммо додрас ку?

Ҳукми раёсати Донишгоҳ содир шуд, барои рондани Бобак аз Донишгоҳ.

Рӯйнависи ҳукмро барои синф ҳам оварданд, ҳама диданд.

Синф дубора ташкили ҷаласа дод. Бобак пушаймон буд, ки аз ҳамагон ҷудо шудааст, гуноҳашро ба гардан гирифт ва қавл дод, ки пас ин ҳамеша бо синф бошад.

Сурат-ҷаласаи дигар ба раёсати Донишгоҳ пешниҳод шуд, бо имзои ҳамагон ва бо ин маънӣ, ки: Бобак гуноҳашро ба гардан гирифту тавба кард ва дархост мешавад, ки дар ҷояш барқарор карда шавад: синф тарбияти ӯро ба ӯҳда мегирад.

Фармони дигар содир шуд. (Раиси Донишгоҳ шодравон Солеҳ Раҷабов бори дигар бузургӣ зоҳир карданд). Бобак бо хубиву хушӣ, ҳамроҳи ҳамдарсонаш Донишгоҳро ба поён бурд.

## 71 – «Ринд»

Бозор, ҳарчи лозим медонист, мегуфт. Бе ҳеҷ истиҳола. Вай одате дошт ва дорад, ки айбу интиқодро ҳамроҳ бо табассуме мегӯяд; намедонӣ, ки нешханд аст? нӯшханд аст? ё пӯзханд?..

Ҳамдарсон ба сабкаш одат карда-анд, ба нешаш позаҳр омода намудаанд. Касе озурда намешавад. Агар ҳам шавад, ба замоне мегузарад. Ва боз хумори нешаш мегирад. Чаро ки вай ҳама рост мегӯяд, ҳам софдилона. Дилаш поктар аз ҳама гуна ойина аст.

Бозорро ҳам нағз медиданд (ва мебинанд). Ҳатто устодон. Ҳамин нағзбинӣ дилу забони уро боз нигоҳ медошт... Ва бегумон, ҳамин омил шуд, ки вай гомҳои баланд бардорад ва дар шеъри муосири тоҷик, чи аз нигоҳи дарунмояи иҷтимоӣ ва чи аз ҳунари баланди шоирона, ангуштнамои хосу ом гардад.

Худованд ба вай чашми ҳамабин, андешаи рӯшану дурбин ва забони ростгӯй ва дили нотарс додааст. Вай аз ин неъматҳо истифода мекард, дар кӯраи ҳамдарсон меозмуд, ва пеш мерафт ва пеш мебурд. Дар ин пешравиҳо ҳамдарсон аз вай сипосгузор ҳастанд, бояд ки вай ҳам сипосгузор бошад...

Се пора аз риндиҳои баъдии Бозор.

1 – Дар базме Нозир сухани табрикӣ мегуфт.

Чӣ гуфту чӣ нагуфт, ки ба Бозор писанд наёмад, баландгӯро аз дасташ гирифту гуфт:

-- Ин Нозир файласуфи хуб аст ва аммо гапро намедонад...

2 – Азиз базми арусӣ дошт: писараш хонадор мешуд.

Навбати сухан ба Бозор расид, гуфт:

-- Ҳамин Азиз миёна мехонд, дониши дурусте ҳам надошт, аммо имрӯз одам шудааст, обрӯй ёфтааст ва кору хонаву ҷою писару арӯсе...

Базмхона ғулғулахона шуд.

3 – Навбати гаштаки ҳамдарсон дар хонаи Мирзо Ҳаёт буд.

Ғулом Ҳайдар сухан мегуфт. Бо гӯиши тоҷикони Афғонистон. Ба Бозор нафорид ва суханашро бурид:

-- Ба хеле ҷой расидӣ, аммо забонро надонистӣ, надонистӣ...

... Чӣ рӯзест, ки ба он шӯхӣ ва нозгӯиҳо диламон гум мезанад. Худоё, он гаштакро аз нав зинда кун!

## 72 – «Занҷир»

Ҳамдарсони мо монанди донаҳои як занҷир буданд: ҳама пайваст бо ҳамдигар ва дастгири якдигар. Агар яке бепул мемонд, ё бемор мешуд ва ё мушкили дигар фишораш медод, ҳамагон огоҳ мешуданд ва дар паҳлӯяш меистоданд.

Ин занҷир пас аз Донишгоҳ низ барҷо ва устувор аст.

Мисоле ба унвони шукрона ва сипос.

Пас аз Донишгоҳ, чаҳор сол 83 сӯмӣ моҳона доштам. Ва ин пул ба рӯзгор кофӣ набуд.

Мирзо Ҳаёт дабири масъули ҳафтаномаи «Дар посбонӣ» буд. Маро мусаҳҳеҳ гирифт. Ҳар шумора 5 сӯм музд дошт. Агар натавонам, ба кор бирасам, шумораро худаш тасҳеҳ мекард.

Асадуллоҷон, ки дар телевизион буд, моҳе як барнома супориш мекард.

Нурмуҳаммад аз «Ҷавонони Тоҷикистон» матолибе аз марказ ба русиро медод, ки ба тоҷикӣ баргардонам.

Аз ин корҳо моҳе ҳудудан 150 сӯм дарёфт мекардам. Ин маблағ ҳам барои рӯзгор мерасид, ҳам барои китоб.

## ПАСГУФТОР

1

Он чӣ аз назари хонандаи гиромӣ гузашт, таърихи Донишгоҳ нест, таҳқиқе ҳам дар бораи он нест; ҳатто ёддошти комилу мураттабу мавзун ҳам нест. Балки баргҳоест аз ёддошт.

Пораҳоест аз «хазинаи хотираҳо»-и як бачаи Донишгоҳи Давлатии Миллии Тоҷикистон. Ёдкарде ҷудо-ҷудо, аз устодон ва ҳамдарсон. Ба монанди он, ки ҳар фарде ҳам хонаи худ ва волидону бародарону хоҳарони худро ёд мекунад.

Ва аммо баррасиҳо дар бораи Донишгоҳи гиромӣ анҷом хоҳанд ёфт, таърихи илмӣ ва комили он навишта хоҳад шуд. Чаро ки Донишгоҳи Давлатии Миллии Тоҷикистон як гаҳвораи пурбаракати илму адабу фарҳанг ва сиёсати Тоҷикистон ва мояи ифтихори ҳар як тоҷикистонӣ мебошад. (Ҳанӯз дар гӯшамон садо медиҳад, ки устод Солеҳ Раҷабов дар мавридҳое бо ифтихор ва мукаррар мегуфтанд: «Университет — это храм науки, гордост нашего народа!..")

2

Банда низ дафтарҳои ёддошт доштам. Доштам. Аммо бо ман нестанд ва намедонам, куҷо бошанд. Ва он чи дар кӯлвори хотира буд, иктифо шуд. Рӯшан аст, ки тундбоди замон кӯлворро аз бисёр ҷой сӯрох кардааст. Ба ночор бо он қаноат бояд кард, ки мондааст.

Ҳадафи банда, пеш аз ҳама, бузургдошти ёди устодон, ёди дарсҳои онон будааст. Ёди онҳое, ки дар вақташ ба қадрашон шояд ҳам нарасидаем.

Нишони банда беш аз ҳама, донишҷӯёни азизи имрӯзу фардо мебошанд, ҳамонҳое, ки ниҳоли боғи миллат ва кишваранд. Бо орзуе, ки аз рафтори бародарон ва хоҳарони пешини худ сабақ бигиранд, устодони хубу донишманд ва сахтгири худро гиромӣ бидоранд, ҳар сухану ҳикматашонро дар мағзи устухон бигзоранд. Донишҷӯёни кунунӣ аз донишҷӯёни пешин вазифаи ҷиддитаре дар пеш доранд: ба

мо ошкор намегуфтанд, вале худамон эҳсос мекардем, ки барои талош дар роҳи ҳифзи забон ва адабу фарҳанги миллӣ худро омода кунем, ва аммо аз донишҷӯёни имрӯза ошкоро дархост шудааст, ки худро на танҳо барои ҳифзи забон ва адабу фарҳанг, балки барои ҳастии миллати Тоҷикистон ва истиқлоли кишвар низ омода намоянд.

Мегӯянд: вақте шогирд устодро фаромӯш мекунад, чунин маънӣ хоҳад дошт, ки қавм аз гузаштаи худ буридааст. Яъне ки дарахтест -- бе реша.

Ва боз мегӯянд: вақте устод намехоҳад ва ё наметавонад шогирдро ба тав-ри шоиста парвариш диҳад, чунин маънӣ хо-ҳад дошт, ки қавм азояндаи худ буридааст. Яъне ки дарахтест -- бе шоху бе барг...

## 3

Аз раёсати гиромии Донишгоҳи ҷавону машҳури Ҳурмузгон сипосгузорам, ки ҳафтаи тиллоӣ ва фаромӯшнашаванда дар ихтиёр гузоштааст. Ҳафтае, ки ин ночиз бо ҳеҷ кас набуд, ҳатто бо худ. Балки бо ёди устодони ги-ромӣ буд – чи рафта ва чи монда. Бо ёди ҳамдарсони азиз буд – чи рафта ва чи монда. Ёди ҳамонҳое, ки яке ҳам дар ҳузур набуд ва ҳама дар дил ҳузур дошт. (Ҳарчанд ҷояш му-носиб нест, аммо наметавон шодмонии дилро пинҳон кард, ки ин ҳафта аз ҳафтаҳои беҳта-рини умри банда аст: лаззат дар муҳити хосаи устодон ва ҳамдарсон буданро ҳамоне дарк мекунад, ки аз меҳри устодон ва муҳаббати ҳамдарсон бархурдор буда ва худ ба қадри он меҳру муҳаббат расида бошад).

Бандари Аббос
(26. 02. 98/08. 12. 76)

УСТОДОН ВА ХАМДАРСОН